Тақиюддин Набҳонӣ

# ГУРӮҲБАНДИИ ҲИЗБӢ

Нашрияи
Ҳизби Таҳрир

Чопи якум ба забони арабӣ 1372 ҳиҷрӣ - 1953 милодӣ.Чопи чорум ба забони арабӣ 1422 ҳиҷрӣ - 2001 милодӣ
(чопи мӯътамад).Чопи дуюм ба забони тоҷикӣ дар асоси чопи мӯътамад1429 ҳиҷрӣ - 2008 милодӣ

بسـم الله الرحمن الرحيم

# *ГУРЎҲБАНДИИ ҲИЗБӢ*

Аз асри сездаҳуми ҳиҷрӣ (нуздаҳуми милодӣ) барои бедоршавӣ ҳаракатҳо ба вуҷуд омаданд. Ҳамаи ин ҳаракатҳо, гарчи дар насли минбаъда барои кӯшиши дубора таъсири фаъол дошта бошанд ҳам, ноком гаштанд. Ҳар кас ин ҳаракатҳоро аз назар гузаронад ва омӯзад, мебинад, ки сабаби асосии нокомии ҳамаи онҳо аз ҷиҳати гурӯҳбандишавӣ ба чор кор вобаста аст:

**Якум:** Ин ҳаракатҳо бар асоси фикрати умумӣ ва номуайян, ҳатто бар асоси фикрати норавшан ё норавшанмонанд бунёд мешуданд. Илова бар ин, равшанӣ, тозагӣ ва софии фикрат аз байн рафта буд.

**Дуюм:** Ин ҳаракатҳо тариқати татбиқи фикрати худро намедонистанд, балки фикратро бо воситаҳои таъҷилӣ ва печида татбиқ мекарданд. Илова бар ин, дар тариқат норавшанӣ ва мубҳамӣ ҳукмрон буд.

**Сеюм:** Ин ҳаракатҳо ба шахсоне такя мекарданд, ки дар онҳо дарки дуруст ба камол нарасида ва хоҳиши дуруст мутамарказ нашуда буд, балки танҳо рағбат ва ғайрат доштанд.

Чорум: Дар байни шахсоне, ки бори ин ҳаракатҳоро ба дӯш гирифтанд, робитаи дуруст вуҷуд надошт, танҳо гурӯҳбандии хушку холӣ дар шакли баъзе корҳо ва дар зери баъзе номҳо ба назар мерасид.

Бинобар ин, табиӣ буд, ки ин ҳаракатҳо то тамом шудани қуввaву ғайрати худ фаъолият карда, сипас аз фаъолият бозмонанд ва аз

байн раванд. Баъд аз ин аз тарафи шахсони дигар ҳаракатҳои дигар таъсис дода мешуданд. Онҳо низ қувваву ғайрати худро то андозаи муайян сарф карда, сипас аз фаъолият бозмеистоданд ва ҳолат ҳамин тавр идома меёфт.

Ноком гаштани ҳамаи ин ҳаракатҳо табиӣ буд, зеро онҳо бар асоси фикрати муайян, равшан ва дуруст бунёд нашуда буданд, тариқати дурустро намедонистанд ва ба робитаи дуруст такя намекарданд.

Аммо нодурустии фикрат ва тариқат дар нодурустии асосе, ки ин ҳаракатҳо бар он таъсис меёфтанд, агар тахмин карда шавад, ки онҳо асос доштанд, кушоду равшан ба назар мерасад. Ин ҳаракатҳо ҳаракатҳои исломӣ ва ҳаракатҳои миллатгароӣ буданд. Ҳаракатҳои исломӣ ба Ислом дар шакли умумӣ ва ошкоро даъват мекарданд ва кӯшиш ба харҷ медоданд, ки Исломро мувофиқи вазъиятҳое, ки дар ҳамон вақт мавҷуд буданд ё пазируфтани онҳо аз низомҳои дигар дар назар буд, таъвил кунанд. То ки татбиқи Ислом дар ин гуна вазъияту низомҳо имконпазир гардад ва таъвилҳои мазкур нигоҳ доштан ё пазируфтани ин вазъияту низомҳоро сафед кунад. Аммо ҳаракатҳои миллатгароӣ, ки арабҳо таъсис доданд, мафҳуми "Ислом ва мусулмонон"-ро беэътибор гузошта, дар асоси миллатгароии норавшану мубҳам арабҳоро ба бедоршавӣ даъват мекарданд. Онҳо лафзҳои "миллият", "ифтихор", "худшиносӣ", "араб", "араби асил", "истиқлолият" ва ғайраро ба шиори худ табдил доданд, вале намедонистанд, ки дар ин лафзҳо ягон пиндори равшане вуҷуд надорад, ки ба моҳияти бедоршавӣ мувофиқ ояд. Инчунин ҳаракатҳои миллатгароӣ, ки туркҳо таъсис доданд, дар асоси миллатгароӣ ба бедоршавии ватани туркӣ даъват мекарданд. Ҳам арабҳо ва ҳам туркҳое, ки ба миллатгароӣ даъват мекарданд, аз тарафи мустамликадорон идора карда мешуданд. Айнан ҳамин мустамликадорон Балканро бо ин гуна ҳаракатҳои миллатгароӣ идора мекарданд, то ки Балкан аз Давлати Усмонӣ (Давлати Ислом) мустақил гардад.

Дар байни вакилони ин ду ҳаракати арабҳо: ҳаракати исломӣ ва ҳаракати миллатгароӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо дар мавзӯи "кадоме афзал ва роҳи наздиктарини бедоршавист: иттиҳоди давлатҳои араб ё иттиҳоди давлатҳои исломӣ" баҳси хушку холӣ рух дод. Муддати тӯлонӣ бо ҳамин гуна ҳаракатҳои бесамар

гузашт, зеро ҳам "иттиҳоди давлатҳои араб" ва ҳам "иттиҳоди давлатҳои исломӣ" лоиҳаи мустамликадорон буд, ки барои гумроҳ сохтани зеҳнҳо аз Давлати Ислом таҳия гардидааст. Бинобар ин, нокомии ин ҳаракатҳо натанҳо дар бесамарӣ, балки дар дур кардани Давлати Ислом аз чашмҳо ва зеҳнҳо ба назар мерасад.

Дар натиҷаи зулми сиёсӣ ва иқтисодие, ки мардум бо сабаби истилошавии заминҳои Давлати Ислом аз тарафи кофири мустамликадор ва татбиқи низоми капиталистӣ гирифтор шуд, дар паҳлӯи ҳаракатҳои исломӣ ва миллатгароӣ дар кишварҳои гуногуни исломӣ ҳаракатҳои ватанпарастӣ ба вуҷуд омаданд. Бо вуҷуди он ки ҳаракатҳои ватанпарастӣ дар натиҷаи зулми сиёсӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омаданд, агар дар баъзеи онҳо ҷиҳати исломӣ ҳукмрон бошад, дар баъзеи дигар бо сабаби ҳаракатҳои сунъии кофири мустамликадор танҳо ҷиҳати ватанпарастӣ ҳукмрон буд. Ин ҳаракатҳо, ки самти ватанпарастӣ доштанд, умматро бо муборизаи арзон машғул сохтанд, ки дар натиҷаи ин мавқеи душман устувор гардид, илова бар ин, ба онҳо фикре намерасид, ки онҳоро ба ҷунбиш орад.

Мо эътиқод мекунем, ки асоси ҳақиқии бедоршавӣ мабдаъест, ки ҳам фикрат ва ҳам тариқатро дар бар мегирад. Ин мабдаъ Ислом аст. Ислом ақидаест, ки низоми тамоми корҳои давлату уммат ва муолиҷаи тамоми муаммоҳои ҳаёт аз он сарчашма мегирад. Гарчи Ислом низоми умумиҷаҳонӣ бошад ҳам, оғози якбораи фаъолият дар шакли умумиҷаҳонӣ аз тариқати Ислом нест, балки мебояд ба Ислом дар шакли умумиҷаҳонӣ даъват кард ва як ё якчанд кишварро майдони фаъолият таъин намуд, то ки фаъолият дар ин кишварҳо мустаҳкам ҷой гирифта, Давлати Ислом, ки дар равиши табиӣ нашъунамо мекунад, бунёд гардад. Давлати Ислом пеш аз ҳама тамоми кишварҳои исломиро ба таркиби худ шомил мекунад, сипас Исломро бо эътибори рисолати худ ва бо эътибори рисолати абадии умумибашариву умумиҷаҳонӣ ба гӯшаҳои дигари ҷаҳон густариш медиҳад.

Тамоми ҷаҳон барои даъвати исломӣ шоиста аст, вале даъват бояд аз кишварҳои исломӣ оғоз ёбад, зеро аҳолии ин кишварҳо дар дини Ислом мебошад. Кишварҳои араб ҳамчун як ҷузъи кишварҳои исломӣ барои оғози густариши ин даъват кишвари

шоистатарин ба ҳисоб меравад, зеро аҳолии ин кишварҳо арабизабон ҳастанд ва забони арабӣ ҷузъи асосии Ислом, инчунин яке аз унсурҳои асосии сақофати исломӣ мебошад. Бояд қудрати забони арабиро бо қудрати Ислом даромехт, то ки забони арабӣ ва Ислом бо ҳам бипайванданд. Зеро дар ҳар ду қудрати таъсиррасонӣ, васеъшавӣ ва интишорёбӣ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, табиист, ки Давлати Ислом дар кишварҳои арабӣ ба вуҷуд ояд, то асоси Давлати Исломро, ки тамоми кишварҳои исломиро ба таркиби худ шомил мекунад, ташкил диҳад. Чунон ки дар кишварҳои арабӣ ба Ислом даъват кардан ногузир аст, густариши даъват дар кишварҳои исломӣ низ ногузир аст. Оғози фаъолият аз кишварҳои арабӣ маънои онро надорад, ки пеш аз муттаҳид гаштани тамоми кишварҳои исломӣ дар Давлати Ислом дар кишварҳои ғайриарабӣ фаъолият бурда намешавад. Балки дар кишварҳои арабӣ барои бунёд кардани Давлати Ислом фаъолият карда мешавад, сипас ин давлат ба кишварҳои ҳамсоя хоҳ кишвари арабӣ бошад, хоҳ кишвари исломӣ вусъат меёбад.

Тавре ки дар боло гуфтем, асоси ҳақиқии бедоршавӣ мабдаъест, ки ҳам фикрат ва ҳам тариқатро дар бар мегирад. Ҳар як гурӯҳбандӣ, агар фаъолияти ҷиддиро қасд кунад, ки боиси бедоршавӣ гардад, бояд фикрат ва тариқатро хуб фаҳмад.

Ин мабдаъ барои гурӯҳбандӣ шудан равшан ва осонфаҳм гашт. Бинобар ин, табиист, ки баъд аз ин гуна баёни комили мабдаъ гурӯҳбандие, ки дар натиҷаи ин гуна фаҳмиш ба вуҷуд меояд, таъсиррасонанда, бунёдкор, пешраванда ва шоистаи он гардад, ки ҷомеа онро дар оғӯш гирифта, сарпарастӣ кунад ва дар адои масъулияти вазнин кӯмак расонад. Зеро ин гурӯҳбандиест, ки фикратро азхуд карда, тариқатро донистааст ва масъалаи худро фаҳмидааст.

Аммо танҳо хуб фаҳмидани мабдаъ аз тарафи гурӯҳбандӣ боиси бедоршавии дуруст намегардад, балки бояд ашхос ба гурӯҳбандӣ шоиста ва робитае, ки ин ашхосро дар гурӯҳбандӣ бо ҳам мепайвандад, робитаи дуруст ва натиҷаовар бошад. Шоистагии ашхос аз рӯи тариқати пайвастшавӣ ба гурӯҳбандӣ муқаррар карда мешавад. Тариқати пайвастшавӣ дар ҳизби мабдаӣ аз пазируфтани ақида ва ба камол расидан дар сақофати ҳизбӣ

иборат аст. Бинобар ин, шоистагии ашхос бо ҳосил шудани қаробат ба ҳизб ҳангоми якҷо шудани даъват бо онҳо ба тарзи табиӣ муқаррар карда мешавад. Пас муқарраркунандаи шоистагии ашхос тариқати пайвастшавӣ аст, на ҳайати ҳизб. Зеро робитае, ки ин ашхосро дар гурӯҳбандӣ бо ҳам мепайвандад, ақида ва сақофати ҳизбиест, ки аз ҳамин ақида сарчашма мегирад.

Агар гурӯҳбандишавии ҳаракатҳоеро, ки дар асри нуздаҳум ба вуҷуд омадаанд, аз назар гузаронем, мебинем, ки тариқати нодурусти гурӯҳбандишавӣ сабаби асосии нокомии онҳо мебошад. Зеро онҳо на бар асоси ҳизбие, ки дар натиҷаи фаҳмиши ҳақиқӣ ба вуҷуд меояд, балки бар асоси ҷамъшавии хушку холӣ ё бар асоси ба ном ҳизбӣ бунёд шуданд.

Зеро мусулмонон пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон мавҷудияти Давлати Исломро ҳис мекарданд. Ин давлат, гарчи заиф ва дар арафаи таназзул бошад ҳам, бо вуҷуди ихтилофи назар нисбат ба он дар маркази диққату эътибори ҳама буд. Арабҳо мепиндоштанд, ки давлат дар ҳукмронӣ ҳуқуқи онҳоро поймол мекунад, лекин бо мақсади ислоҳ кардани давлат диққату эътибори худро ба он менигарониданд. Ба ҳар ҳол ин давлати онҳо буд. Ба онҳо фаҳмидани ҳақиқат ва тариқати бедоршавӣ намерасид ва дар байни онҳо гурӯҳбандӣ ҳосил нашуда буд. Метавон гуфт, ки ин гуна мусулмонон аксариятро ташкил медоданд.

Илова бар ин, дар ин аср сақофати аҷнабӣ ба кишварҳои исломӣ роҳ ёфт. Мустамликадорон бо воситаи ин сақофат як гурӯҳ мусулмононро ба худ ҷалб карда, дар дохили Давлати Ислом ба таъсиси гурӯҳбандиҳои ҳизбӣ, ки бар асоси "ҷудоихоҳӣ" ва "истиқлолият" бунёд мешуданд, ҳавасманд гардонида тавонистанд. Махсусан як гурӯҳ арабҳоро ба худ ҷалб карда, дар Париж ҷамъ оварданд, то аз онҳо як гурӯҳбандӣ таъсис диҳанд, ки дар зери шиори "истиқлолияти арабҳо аз Давлати Усмонӣ" бар зидди Давлати Ислом мубориза барад. Ҳамин сақофати аҷнабӣ, афкори аҷнабӣ, ҳисси ватанпарастӣ ва миллатгароӣ, ки кофири мустамликадор дар онҳо пайдо кард, онҳоро ҷамъ овард. Дар натиҷа робитаи ақлӣ ва ҳиссии онҳо ба робитаи ягона табдил ёфта, мантиқи ягона онҳоро муттаҳид сохт ва боиси ягонагии мақсад гардид. Аммо мақсад, модом ки Давлати Усмонӣ аз

манфиатҳои арабҳо сарфи назар карда, зулм ва поймол кардани ҳуқуқи онҳоро барои худ ҷоиз донад, истиқлолияти халқи араб буд. Ин мақсади ягона ҷузъи таркибии гурӯҳбандишавии арабҳо гашт, ки гурӯҳбандишавии ба ном ҳизбӣ буд. Ин чиз боиси сар задани якчанд инқилоби арабӣ гардид. Дар натиҷа нуфузи куфр ва мустамликадорӣ дар кишварҳои исломӣ, хусусан дар кишварҳои арабӣ густариш ёфт. Вазифаи ин ҳизбҳо дар ҳамин ҷо ба охир расид. Баробари он ки ҳизбҳои мазкур ҳамчун гумоштаи мустамликадор дар баъзе кишварҳои исломӣ ҳокимиятро ба даст гирифтанд, ғаниматҳоро дар байни худ тақсим карданд.

Баъд аз заволи Давлати Ислом мустамликадор ҷои онро ишғол намуда, ба кишварҳои арабӣ бевосита ҳукмронӣ кард ва дар саросари кишварҳои исломӣ нуфузи худро густариш дод. Ҳамин тавр, кишварҳои арабиро амалан истило кард ва бо услубу воситаҳои махфиёна ва хабисона дар ҳар як гӯшаи ин кишварҳо ба таҳкими нуфузи худ пардохт. Сақофати мустамликадории аҷнабӣ, молу давлат ва гумоштагон аз муҳимтарин услубу воситаҳо буданд.

Дар ҳақиқат сақофати аҷнабӣ дар мустаҳкам ҷойгир шудани афкори куфру мустамликадорӣ, нокомии бедоршавӣ ва нобарории ҳаракатҳои гурӯҳбандишуда чи дар шакли ҷамъият ва чи дар шакли ҳизб таъсири муҳим дошт. Зеро сақофат ба фикри инсон, ки ба ҷараёни ҳаёт таъсир мерасонад, таъсири калон мерасонад. Мустамликадор барномаҳои таълимӣ ва сақофиро бар асоси фалсафаи муайян – "ҷудо кардани модда аз рӯҳ ва ҷудо кардани дин аз давлат", ки нуқтаи назари ӯ дар бораи ҳаёт мебошад, таҳия намуд. Шахсияти худро асоси ягона қарор дод, ки сақофати мо аз он гирифта мешавад. Ҳазорат, пиндор, унсур, таърих ва муҳити кишвари худро ба манбаи асосӣ қарор дод, ки мо аз он ақли худро пур мекунем. Мустамликадор бо ин кифоя накард, балки дар пиндор ва ҳақиқатҳое, ки аз шахсияти худ ба мо дод, қасдан гумроҳ сохт. Сурати мустамликадориро, ки дар ин шахсият мавҷуд аст, баръакс нишон дода, ҳамчун вазъи идеалӣ, ки ба он пайравӣ карда мешавад ва ҳамчун вазъи қавӣ, ки бе он зистан мумкин нест, тасвир кард ва бо ёрии услубҳои хабисона башараи ҳақиқии мустамликадориро пинҳон намуд. Сипас ба тафсилоти барномаҳо

дахл намуд, то ки ягон ҷузъи ин барномаҳо аз асоси умумӣ берун набарояд. Бинобар ин, мо ба зиёиёне табдил ёфтем, ки бо сақофати фасод тарбия ёфтаанд. Ин сақофат ба мо тарзи фикрронии дигаронро омӯхт ва табиист, ки моро аз омӯзиши тарзи фикрронии худ оҷиз сохт. Зеро фикри мо аз муҳит, шахсият ва таърихамон гусаста шуд ва ба мабдаамон такя накард. Ҳамин тавр, мо ҳамчун зиёиён аз халқ бегона гаштем, ки муҳити худ ва эҳтиёҷоти ин муҳитро дарк намекунем. Аз ин сабаб, ҳисси ин зиёиён аз фикр ва ақлашон ҷудо шуд ва табиист, ки ин зиёиён аз уммат ва ҳисси он ҷудо шуданд. Табиист, ки ин гуна фикр боиси фаҳмиши дурусти вазъи мавҷудаи кишварҳои исломӣ, эҳтиёҷоти уммат ва дарки тариқати бедоршавӣ намегардад. Зеро фикр аз ҳис ҷудо шуда буд, гарчи аз ҳис холӣ набошад ҳам. Илова бар ин, фикри мазкур фикри аҷнабӣ буд, ки шахси дорои ҳисси исломӣ онро пазируфтааст. Пас табиӣ буд, ки ин фикр боиси гурӯҳбандии дуруст, ки дар натиҷаи фаҳмиши дуруст ба вуҷуд меояд, намегардид. Таъсири сақофати аҷнабӣ танҳо ба худи зиёиён маҳдуд нагашт, балки бо сабаби фикрҳое, ки ин сақофат паҳн мекард, фикри тамоми ҷомеа аз ҳисси худ гусаста шуд. Дар натиҷа муаммои ҷомеа мураккабтар ва гаронии бори бедоршавӣ дар дӯши гурӯҳбандии дурусти ҳизбӣ назар ба пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон дучанд гардид. Зеро пеш муаммое, ки уммат ё ҳизб таваҷҷӯҳ мекард, муаммои бедоркунии ҷомеаи исломӣ буд, акнун муаммои пайдо кардани ҳамоҳангии фикру ҳисси зиёиён ва ҳамоҳангии фикру ҳисси афроди ҷомеа ва ҷамоатҳо, хусусан зиёиён ва ҷомеа зам гардид. Зеро ин зиёиён танҳо ба фикри аҷнабӣ, ки аз ҳис холӣ буд, ихлос доштанд. Ин ихлос боиси бегона гаштан аз ҷомеаи худ, таҳқир кардани он, аз он дур шудан ва ба он беэътиборӣ кардани онҳо гардид, инчунин онҳоро такон дод, ки бо аҷнабӣ, гарчи мустамликадор бошад ҳам, дӯстӣ кунанд, ӯро эҳтиром намоянд, ба он наздик шаванд ва эътибор нигаронанд. Бинобар ин, ин гуна зиёӣ вазъиятҳои мавҷудаи кишвари худро тасаввур карда наметавонад. Танҳо тақлидан ба аҷнабӣ, ки вазъиятҳои кишвари худро тасаввур мекунад, вазъиятҳои кишвари худро бе фаҳмидани моҳияти ин вазъиятҳо тасаввур карда метавонад. Аз ин рӯ, ин гуна зиёӣ омилҳоеро, ки боиси бедоршавии уммат мегардад, танҳо аз

сухани аҷнабӣ дар бораи бедоршавӣ тақлидан дониста метавонад. Ҳисҳои ин зиёиён на барои мабдаъ, балки барои ватан ва миллат ба ҳаракат меоянд, ки бешубҳа ин ҳаракати хатост. Бо вуҷуди ин, ӯ барои кишвари худ аз сидқи дил ба по намехезад ва барои халқаш худро комилан фидо намекунад. Зеро ӯ вазъиятҳои атрофи худро фикран ҳис намекунад. Гарчи ӯ аз рӯи фарзия бархоста, бедоршавиро талаб кунад ҳам, ин ҷунбишест, ки аз зарар дидани манфиатҳои шахсии ӯ ба вуҷуд омадааст ё тақлид ба ҷунбишҳои халқҳои дигар мебошад. Бинобар ин, баробари он ки ба ӯ мансаб дода мешавад ё талабҳои ӯ қонеъ гардонида мешавад ва зарар дидани ӯ аз байн меравад, ҷунбиши ӯ ба охир мерасад. Инчунин вақте ки ҷунбиш ба шахсият ва манфиатҳои ӯ зид меояд ё аз ин ҷунбиш ба ӯ озор мерасад, ҷунбиши ӯ ба охир мерасад.

Аз ин гуна зиёӣ ба вуҷуд омадани гурӯҳбандии дуруст имконнопазир аст, магар баъд аз муолиҷаи ӯ бо пайдо кардани ҳамоҳангии фикру ҳис тавассути азнавтарбиякунӣ бо сақофати дурусти мабдаӣ, яъне сақофати исломӣ. Муолиҷа бо ин гуна тарбия тақозо мекунад, ки ӯ шогирде эътибор карда шавад, ки ақлашро аз нав ташаккул додан лозим аст. Баъд аз муолиҷаи муаммои мазкур ба пайдо кардани ҳамоҳангӣ дар байни ӯ ва ҷомеа пардохта мешавад. Ҳамон вақт муолиҷаи муаммои бедоршавии ҷомеа ба осонӣ ба даст меояд. Агар сақофати аҷнабӣ набуд, машаққатҳои бедоршавӣ назар ба имрӯз камтар мешуд.

Бинобар ин, мумкин нест, ки бо ин гуна сақофати аҷнабӣ ва бар асоси ин гуна сақофати аҷнабӣ дар ҷомеа гурӯҳбандии дурусти ҳизбӣ ба вуҷуд ояд.

Кофири мустамликадор бо ин сақофат кифоя накард, балки муҳитро бо фикру раъйҳои сиёсӣ ва фалсафӣ заҳролуд сохт. Бо воситаи ин фикру раъйҳо нуқтаи назари дурусти мусулмонон ва муҳити исломиро вайрон кард ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт фикри мусулмононро парешону печдарпеч сохт. Ҳамин тавр, мустамликадор маркази ҳушёрии табиии мусулмононро барҳам дод. Ҳар гуна ҳаракатро дар роҳи бедоршавӣ, мисли ҳаракати ҷонвари забҳшуда, ба ҳаракати бетанзим ва зиддиятнок табдил дод, ки бо шикаст, навмедӣ ва таслимшавӣ ба интиҳо мерасад. Аҷнабӣ, вақте ки шахсияти худро ба маркази сақофат ва мавзеи

тамоюл табдил дод, аз сиёсатмадорон истифода карда, тамоми диққату эътибори сиёсатмадорон ё касони бо сиёсат машғулшавандаро ба ёрипурсӣ аз аҷнабӣ ва такя бар он нигаронид. Бинобар ин, бештари гурӯҳбандиҳо бешуурона ба ёрипурсӣ аз аҷнабиён кӯшиш карданд. Дар натиҷа дар кишварҳои исломӣ касоне, ки аз давлатҳои аҷнабӣ ёрипурсиро тарафдорӣ мекунанд, пайдо шуданд. Ҳол он ки онҳо дарк намекарданд, ки ҳар гуна тарафдории ёрипурсӣ аз аҷнабӣ ва такя бар аҷнабӣ (қатъи назар аз навъи такякунӣ), гарчи бо нияти нек бошад ҳам, заҳролудкунист, ки аз тарафи аҷнабӣ анҷом дода мешавад ва хиёнат ба уммат ба ҳисоб меравад. Онҳо надонистанд, ки вобаста кардани масъалаи худ ба дигарон ҳалокати сиёсист. Бинобар ин, комёбӣ барои ҳар гуна гурӯҳбандие, ки фикраш бо такя кардан бар аҷнабӣ ё дастгирӣ намудани аҷнабӣ заҳролуд гаштааст, имконнопазир аст.

Мустамликадор ҷомеаро бо иқлимияти танг (маҳалгароӣ ва худмухторӣ), ватанпарастӣ, миллатгароӣ ва сотсиализм заҳролуд сохт ва инро ба асоси корҳои имрӯза табдил дод. Инчунин бо имконнопазир нишон додани бунёдшавии Давлати Ислом ва ваҳдати кишварҳои исломӣ, ки маданият, нажод ва забонашон гуногун аст, ҷомеаро заҳролуд сохт. Ҳол он ки ҳамаи ин кишварҳо уммати ягона аст ва ақидаи исломӣ, ки аз он низом сарчашма мегирад, шахсони ин умматро бо ҳам мепайвандад. Илова бар ин, ҷомеаро бо фикрҳои сиёсии гумроҳсозанда заҳролуд сохт, аз қабили "бигир ва талаб кун", "халқ манбаи ҳокимият аст", "сиёдат аз они халқ аст" ва ғайра. Инчунин бо фикрҳои хато заҳролуд сохт, аз қабили "дин аз они Аллоҳ аст, вале ватан аз они ҳама", "моро аламу омол муттаҳид месозад", "ватан аз ҳама чиз боло меистад", "ифтихор аз ватан аст" ва ҳоказо. Инчунин бо фикрҳои реалистии реаксионӣ (воқеъпарастӣ ва ҷаҳолатпарастӣ) заҳролуд сохт, аз қабили "низомро аз воқеъ мегирем", "бояд ба амри воқеъ розӣ шуд", "бояд реалист (воқеъпараст) бошем" ва ҳоказо.

Дар натиҷа ҷомеаи кишварҳои исломӣ, аз ҷумла кишварҳои арабӣ ба ҳолате расид, ки ба вуҷуд омадани гурӯҳбандии дуруст ғайриимкон аст. Бинобар ин, нокомии тамоми гурӯҳбандиҳои ба ном ҳизбӣ тааҷҷубовар набуд. Зеро онҳо бар асоси фикри чуқур, ки

танзими дақиқ ва омодагии боваринокро ба вуҷуд меорад, бунёд нашуданд, балки ягон асос надоштанд.

Аз ин рӯ, табиӣ буд, ки ҳизбҳое, ки дар олами исломӣ, хусусан олами арабӣ ба вуҷуд омаданд, заифу пароканда шаванд, зеро бар асоси мабдаъ бунёд нашуданд. Аз мушоҳидаи онҳо кушоду равшан ба назар мерасад, ки ин ҳизбҳо бар асоси муносибатҳои тасодуфӣ таъсис меёфтанд ва ин муносибатҳои тасодуфӣ бо сабаби шароитҳое, ки таъсиси гурӯҳбандии ҳизбиро тақозо мекунад, ба вуҷуд меомаданд. Вақте ки ин шароитҳо аз байн мерафтанд, ҳизбҳо низ аз байн мерафтанд ё заифу пароканда мешуданд. Ё ки ин ҳизбҳо бар асоси дӯстии ашхосе, ки риштаи дӯстӣ байни онҳоро мепайваст, таъсис меёфт, дар натиҷа бар ҳамин асос гурӯҳбандӣ ба вуҷуд меомад. Баробари сипарӣ шудани даврони ин ашхос гурӯҳбандӣ низ барҳам мехӯрд. Ё ки ин ҳизбҳо бар асоси манфиатҳои муваққатии шахсӣ ва ғайра таъсис меёфтанд. Аз ин сабаб, дар байни ашхосе, ки дар ин гуна муҳит ва ҷомеа бар асосҳои мазкур гурӯҳбандӣ шуданд, робитаи ҳизбии мабдаӣ ба вуҷуд наомад. Мавҷудияти ин гуна гурӯҳбандиҳо натанҳо аз фоида холист, балки ба уммат зарар буд. Зеро мавҷудияти ин гуна ҳизбҳо дар ҷомеа ба вуҷуд омадани ҳизби дурустро боздошт ё ба таъхир афканд. Илова бар ин, онҳо дар дили мардум навмедӣ ва дар дили омма сиёҳӣ ва шакку шубҳа пайдо мекунанд. Дар натиҷа мардум ба ҳар як ҳаракати ҳизбӣ, гарчи дуруст бошад ҳам, бо шубҳаву нобоварӣ нигаристанд. Онҳо дар байни мардум адовати шахсӣ ва қавмгароиро пайдо мекунанд ва бо услубҳои худ ба мардум бесуботӣ ва аз паи манфиат давиданро таълим медиҳанд. Бо ибораи дигар, табиати покизаи мардумро вайрон мекунанд ва гаронии бори гурӯҳбандиҳои ҳизбии дурустро, ки бояд аз байни мардум бароянд, дучанд мегардонанд.

Ба сафи ҳаракатҳои исломӣ, миллатгароӣ ва ватанпарастӣ ҳаракатҳои коммунистӣ, ки бар асоси моддият бунёд шудаанд, ҳамроҳ шуданд. Онҳо ба ҳаракати коммунистии Русия тобеъ буданд ва бо нишондодҳои он идора карда мешуданд. Тариқати онҳо аз фасодкорӣ ва вайронкорӣ иборат буд. Ғояи онҳо ба вуҷуд овардани фикрҳои коммунистӣ дар кишварҳои исломӣ буд, илова бар ин, роҳбарони ин ҳаракатҳо ҳамчун гумоштагони лагери

шарқӣ ба фоидаи лагери шарқӣ ба мустамликадорони Ғарб ташвиш пайдо мекарданд. Ин ҳаракатҳо ба Уммати Ислом тамоман мувофиқ наомад ва ба ягон натиҷа ноил гашта натавонист, зеро ба фитрати инсон хилоф ва ба ақидаи исломӣ зид буданд, бинобар ин нокомии онҳо табиӣ буд. Онҳо аз ватанпарастӣ дар роҳи мақсадҳои худ истифода карданд. Ин боз як мушкилии нав буд, ки ба мушкилоти ҷомеа изофа шудааст. Ҳамаи ин мушкилот ҷомеаро беҳол мекард.

Ҳамчунин дар асоси ҷамъиятҳо гурӯҳбандиҳо ба вуҷуд омаданд. Дар кишварҳои исломӣ ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ, ки мақсадашон хайрия буд, ба вуҷуд омада, мактабҳо, шифохонаҳо ва ятимхонаҳо бунёд карданд ва дар корҳои хайру эҳсон кӯмак расониданд. Дар ин ҷамъиятҳо нишонаҳои тоифагароӣ кушоду равшан ба назар мерасид. Мустамликадорӣ ин ҷамъиятҳоро дастгирӣ ва тарафдорӣ намуд, дар натиҷа корҳои хайриявии онҳо ба назари мардум намоён гашт. Аксари онҳо ҷамъиятҳои маориф ва хайрия буданд ва дар байни онҳо ҷамъиятҳои сиёсӣ басо кам ба назар мерасид.

Агар ба натиҷаҳои ин ҷамъиятҳо диққат карда шавад, аён мегардад, ки онҳо ягон натиҷа надодаанд, ки ба уммат фоида биёрад ё дар бедоршавӣ мусоидат намояд. Зарари онҳо ба андозаи ҳиснашаванда буд, ки танҳо шахси дақиқназар дида метавонист. Ҳол он ки агар фоидаҳои ҷузъиро ба ҳисоб нагирем, худи мавҷудияти онҳо зарари калон буд. Зеро тамоми Уммати Ислом баъзе фикрҳои исломӣ дошт, баъзе ҳукмҳои шаръиро татбиқ мекард ва дар таъсири ҳисси исломӣ дар он ҷой гирифта буд. Бинобар ин, ҳисси бедоршавӣ, ҳисси кӯшиш ба некӣ ва майли табиӣ ба гурӯҳбандишавӣ дар уммат ҳанӯз аз байн нарафта буд. Чунки рӯҳияи Ислом рӯҳияи ҷамоӣ аст, агар Уммати Ислом ба ҳоли худ гузошта шавад, ин ҳис (мантиқан) ба фикр табдил меёбад ва ин фикр дар навбати худ дар уммат фаъолиятеро, ки боиси бедоршавӣ мегардад, пайдо мекунад. Лекин мавҷудияти ҷамъиятҳои мазкур пеши ин корро гирифт, ки ин ҳисси оташинро ба фаъолияти ҷузъӣ ҷалб намуд. Зеро ҷамъиятҳое, ки фаъолияти ҷузъӣ мебаранд, ҷузъӣ мебошанд. Сабаб ин аст, ки аъзои ҷамъият аз бунёди мактаб ё шифохона ё саҳмгузорӣ ба яке аз корҳои хайр

роҳату хотирҷамъиро ҳис мекунад ва бо ҳамин кор қаноатманд мегардад. Баръакс агар ин гуна ҷамъиятҳо пайдо намешуданд, рӯҳияи ҷамоӣ умматро ба гурӯҳбандишавии дуруст, яъне ба гурӯҳбандии ҳизбие, ки бедоршавии дурустро ба вуҷуд меорад, такон медод.

Дар баробари ҷамъиятҳои маориф ва хайрия ҷамъиятҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба ахлоқ даъват мекарданд. Ин ҷамъиятҳо ахлоқро асоси бедоршавӣ медонистанд ва барои бедоршавии уммат дар асоси ахлоқ бо воситаи панду насиҳат, маърӯза ва варақаҳо фаъолият мебурданд. Дар ин ҷамъиятҳо қувваи басо калон ва маблағи зиёд сарф шуд. Лекин онҳо ягон натиҷаи назаррас надоданд. Онҳо бо суханони дилгиркунанда, ки аз такрор забонзад шудаанд, ҳисси бедоршавии умматро хомӯш сохтанд. Ин гуна ҷамъиятҳо дар асоси фаҳмиши ғалати қавли зерини Аллоҳ Таоло, ки ба Расулуллоҳ (с) хитоб кардааст, ба вуҷуд омада буданд:

وَإِنَّكَ لَعَلى خُلُقٍ عَظِيم

"***Ва турост хулқи азим***" [68:4].

Ҳол он ки хитоби мазкур на тавсифи ҷомеа, балки тавсифи шахсияти Расулуллоҳ (с) мебошад. Ҳамчунин ин ҷамъиятҳо дар асоси фаҳмиши ғалати ҳадисҳои зерини Пайғамбар (с) ба вуҷуд омада буданд:

"إِنَّ اللهَ بَعَثَنِي لِتَمَامِ مَكَارِمِ الْأَخْلَاقِ"

"***Аллоҳ Таоло маро барои ба камол расонидани ахлоқи бузург фиристод***".

"إِنَّمَا بُعِثْتُ لِأُتَمِّمَ مَكَارِمَ الْأَخْلَاقِ"

"***Ман барои ба камол расонидани ахлоқи бузург фиристода шудаам***".

Ҳол он ки ҳадисҳои мазкур ва ҳадисҳои дигари мисли ин на ба сифати ҷамоа, балки ба сифати шахс тааллуқ доранд. Онҳо боз бар асоси пиндори ғалати сухани зерин шоир бунёд шуданд:

***Гар ахлоқ ҳаст, уммат боқист,***
***Бе ахлоқ нобудӣ ҳатмист.***

Ҳол он ки бақои умматҳо на ба ахлоқ, балки ба ақидаҳое, ки қабул кардаанд, фикрҳое, ки паҳн мекунанд ва қонунҳое, ки татбиқ мекунанд, вобаста аст. Ҳамчунин ин ҷамъиятҳо дар асоси фаҳмиши ғалати маънои ҷомеа: "ҷомеа аз шахсҳо ташкил меёбад", ба вуҷуд омаданд. Ҳол он ки ҷомеа кулли тақсимнопазир аст, ки аз қисмҳои муайян: инсонҳо, фикрҳо, ҳисҳо ва қонунҳо ташкил ёфтааст. Бинобар ин, вайроншавии ҷомеа на аз вайроншавии инсон, балки аз вайроншавии фикрҳо, ҳисҳо ва қонунҳо сар мезанад. Ислоҳи ҷомеа бо ислоҳ кардани фикрҳо, ҳисҳо ва қонунҳо амалӣ мегардад.

Инчунин ин ҷамъиятҳо мепиндоштанд, ки "ҷомеаро танҳо шахс вайрон мекунад, омиле, ки шахсро барқарор ва вайрон мекунад, ахлоқи ӯст. Хулқи зебо шахсро ба шахси қавӣ, дуруст, фаъол, ба ҷомеа фоидаовар ва барои некӣ, хайр ва ислоҳи ҷомеа кӯшишкунанда табдил медиҳад. Хулқи зишт ба шахси худбин, заиф ва суст табдил медиҳад, ки ба ҷомеа ягон фоида ва некӣ намеорад, дар ҳаёт ғайр аз қонеъгардонии ҳавои нафс ва амалигардонии манфиатҳои шахсӣ ташвиши дигар надорад" ва бар асоси ҳамин пиндор, ки дар тасаввури олимони ислоҳталаб ва ахлоқталаб ҷой гирифтааст, ба вуҷуд омаданд. Бинобар ин, гумон карданд, ки ислоҳи ҷомеа фақат бо ислоҳи шахс амалӣ мегардад ва хостанд, ки ҷомеаро дар асоси барномаи ахлоқӣ ислоҳ намоянд ва ахлоқро воситаи бедоршавии уммат қарор доданд.

Гарчи тамоми ҳаракатҳои ислоҳталабие, ки ба асоси ахлоқ бунёд шуданд, ноком гаштанд, мардум ҳанӯз гумон мекунанд, ки "ахлоқ асоси ислоҳ мебошад". Онҳо айнан дар ҳамин асос ҷамъиятҳои ислоҳталаб таъсис медиҳанд. Ҳол он ки шахс, гарчи як ҷузъи ҷамоат бошад ҳам, аслан воситаҳои ислоҳкунандаи ҷомеа аз

воситаҳои ислоҳкунандаи шахс фарқ мекунад. Чунки вайроншавии ҷомеа аз вайроншавии ҳисси ҷамоӣ, аз вайроншавии муҳитҳои фикриву рӯҳии он ва аз мавҷудияти пиндорҳои ғалат дар ҷомеа сар мезанад. Бо ибораи дигар, он аз вайроншавии "урфи ом" сар мезанад. Ислоҳи ҷомеа танҳо бо пайдо кардани "урфи оми дуруст" амалӣ мегардад. Бо ибораи дигар, ислоҳи ҷомеа бо воситаи ислоҳи ҳисси он, ба вуҷуд овардани муҳитҳои солими рӯҳӣ ва муҳитҳои фикрии вобаста ба ҷиҳати рӯҳӣ, татбиқи низом аз тарафи давлат амалӣ мегардад. Ин ҳама танҳо бо пайдо кардани муҳитҳои исломӣ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, пиндорҳои тамоми мардум дар бораи ашё бояд ислоҳ карда шавад. Ҳамон вақт ҳам ҷамоат ва ҳам шахс ислоҳ мегардад. Ин кор бо гурӯҳбандишавӣ дар асоси ҷамъиятҳо ва асоси гурӯҳбандӣ қарор додани ахлоқ ва панду насиҳат амалӣ намегардад.

Бинобар ин, тамоми гурӯҳбандиҳо дар асоси ҷамъиятҳо дар пайдо кардани бедоршавӣ ва ислоҳшавӣ ноком гаштанд. Ҳамчунин тамоми гурӯҳбандиҳои ба ном ҳизбӣ, ки бар асоси мабдаи муайян бунёд нашуда буданд, умуман дар натиҷаи фаҳмиш ба вуҷуд наомадаанд ва робитаҳояшон бар асоси омили дурусти муттаҳидкунандаи аъзоён бунёд нашудааст, ноком гаштанд.

Илова бар ин, нокомии ҳамаи ин гурӯҳбандиҳо аз тарафи аъзоён низ муқаррар буд. Зеро ин гурӯҳбандиҳо, азбаски фикрату тариқат мавҷуд набуд ва тариқати гурӯҳбандишавӣ хато буд, бар асоси гурӯҳбандишавии дуруст бунёд нашуда буданд. Илова бар ин, онҳо гурӯҳбандии худро на бар асоси шоистагии шахс, балки бар асоси мавқеи шахс дар ҷомеа, фоидаи нақде, ки аз аъзо шудани ӯ ба ҳизб ё ҷамъият меояд, бунёд карда буданд.

Инсон хоҳ ба гурӯҳбандӣ шоиста бошад, хоҳ на аз рӯи обрӯманд ё сарватманд будан дар байни қавми худ ё аз рӯи адвокат ё табиб ё соҳибмартаба ё бонуфуз будан ба аъзогӣ қабул карда мешуд. Бинобар ин, дар гурӯҳбандиҳо, чунон ки ҷиҳати табақагароӣ ҳукмрон буд, пароканадагӣ дар байни аъзоён кушоду равшан ба назар мерасид. Дар аъзоёни ин гуна ҳизб ё ҷамъиятҳо ҳисси дохилӣ: "мо аз боқимондаи халқ натанҳо бо сарвату обрӯ, балки бо аъзои ҳизб ё ҷамъият будан низ фарқ мекунем" ҳукмрон буд. Бинобар ин, дар байни онҳо ва халқ ягон таъсиррасонӣ ва

наздикшавӣ рух надод. Дар натиҷа мавҷудияти ин гуна ҷамъият ё ҳизб болои сӯхта намакоб ва муаммои нав илова бар муаммоҳое буд, ки ҷомеаро беҳол мекард.

Бинобар ин, баъд аз омӯзиш, мулоҳиза ва мушоҳида метавон гуфт, ки дар тамоми кишварҳои исломӣ тӯли асри гузашта ягон гурӯҳбандии дуруст пайдо нашуд, ки бедоршавиро ба вуҷуд орад. Гарчи уммат танҳо бо воситаи гурӯҳбандӣ бедор шавад ҳам, тамоми гурӯҳбандиҳо, азбаски бар асоси нодуруст бунёд шуда буданд, ноком гаштанд. Пас гурӯҳбандие, ки боиси бедоршавии уммат мегардад, чӣ гуна аст? Акнун ба баёни ҳамин чиз шурӯъ мекунем.

Низоми гурӯҳбандии дуруст, ки боиси бедоршавии уммат мегардад, набояд дар асоси ҷамъият бошад. Зеро ҷамъият бо амалу сухани муайян ё танҳо бо сухани муайян ё танҳо бо амал машғул шуданро тақозо мекунад. Ин гуна гурӯҳбандиҳо набояд дар байни уммате, ки хоҳишманди бедоршавӣ аст, реша давонанд. Ҳамчунин гурӯҳбандии дуруст набояд дар асоси ҳизбҳои ғайримабдаӣ бошад. Ин гуна ҳизбҳо баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон то имрӯз дар олами исломӣ ба вуҷуд меоянд.

Гурӯҳбандии дуруст гурӯҳбандиест, ки бар асоси исломӣ, мабдаӣ ва ҳизбӣ бунёд шудааст ва фикрат рӯҳи ҷисми ҳизб, реша ва мазмуни зиндагии он мебошад. Инсоне, ки фикрат ва тариқатро, ки аз ҷинси фикрат мебошад, азхуд кардааст, ҳатто дар покӣ ва софӣ ба фикрат, дар равшанӣ ва дурустӣ ба тариқат шабеҳ гаштааст, аввалин ҳуҷайраи ҳизб мебошад. Ҳар гоҳ ҳамин се чиз: фикрати чуқур, тариқати равшан ва инсони пок ба вуҷуд ояд, ҳуҷайраи аввалин ба вуҷуд меояд. Сипас ин ҳуҷайра бо зудӣ ба якчанд ҳуҷайра зиёд шуда, ин ҳуҷайраҳо аввалин ҳалқаи ҳизб – қиёдати ҳизбро ташкил медиҳанд. Вақте ки ҳалқаи аввалин ба вуҷуд меояд, пас гурӯҳбандии ҳизбӣ ба вуҷуд омадааст. Чунки ин ҳалқа дере нагузашта ба гурӯҳбандӣ табдил меёбад. Ҳамон вақт ин гурӯҳбандӣ ба робитае, ки қабулкунандагони фикрату тариқатро бо ҳам мепайвандад, эҳтиёҷ пайдо мекунад. Ақидае, ки ҳизб бар он асос меёбад ва сақофате, ки бо пиндорҳои хоси ҳизб ҷудо шуда меистад, робитаи ҳизбӣ мебошад. Ҳамин тавр, гурӯҳбандии ҳизбӣ ташаккул ёфта, дар майдони ҳаёт ба фаъолият мепардозад ва ба

монеаву душвориҳо рӯбарӯ мешавад. Агар ин гурӯҳбандӣ ба шароитҳои мазкур бардошт диҳад, пас фикрат ва тариқати он равшан гаштааст, шахсҳоро омода карда, робитаи худро тақвият дода тавонистааст ва дар даъвату фаъолият аз гурӯҳбандии ҳизбӣ ба ҳизби мабдаии мукаммал, ки барои бедоршавии ҳақиқӣ фаъолият мекунад, қадам мемонад. Ин гурӯҳбандии дурустест, ки фикрат решаи он мебошад, зеро фикрат асоси зиндагист.

Дар миёни уммате, ки хоҳишманди бедоршавӣ аст, ин гуна гурӯҳбандии ҳизбии мабдаӣ чӣ тавр дар равиши табиӣ пайдо мешавад? Акнун ба баёни ҳамин чиз мепардозем:

Уммат ҷисми ягонаи тақсимнопазир аст ва дар сохти умумӣ ба инсон шабоҳат дорад. Агар инсон сахт бемор шуда, дар вартаи марг қарор гирад ва сипас шифо ёбад, тамоми вуҷуди ӯ ҳамчун ҷисми ягона шифо меёбад. Ҳамчунин уммати ақибмонда уммати бемор эътибор карда мешавад. Агар он шифо ёбад, бо эътибори ҷисми ягона ҳамчун маҷмӯи ягонаи инсонӣ тамоми уммат шифо меёбад. Фикрате, ки барои татбиқ шудан тариқати худро дорад ва якҷоя бо ин тариқат мабдаъро ташкил медиҳад, барои уммат омили эҳёшавӣ аст.

Танҳо мавҷуд будани мабдаъ дар уммат барои эҳёи уммат кифоя нест. Агар уммат мабдаъро ёбад ва дар ҳаёт татбиқ кунад, ҳамон вақт ба уммати зинда табдил меёбад. Зеро гарчи мабдаъ дар мероси ташреӣ, сақофӣ ва таърихии уммат мавҷуд бошад ҳам, баъзан уммат аз худи мабдаъ ё фикрати мабдаъ ё аз тариқати мабдаъ ё аз пайвастани фикрату тариқат дар ғафлат мемонад. Дар ин гуна ҳолат танҳо мавҷуд будани фикрату тариқат боиси бедоршавӣ намегардад.

Одатан эҳёи уммат дар натиҷаи рух додани ларзишҳои сахт дар ҷомеа оғоз меёбад. Дар натиҷаи ин гуна ларзишҳо дар уммат ҳисси муштарак пайдо мешавад ва ин ҳисси ҷамоӣ боиси фаъолияти фикрӣ мегардад. Ин фаъолияти фикрӣ бо воситаи омӯзиши сабабу оқибатҳои ларзишҳо ва воситаҳои дуру наздики наҷотдиҳанда масъалаҳои муайянро ба вуҷуд меорад.

Вале ин ҳис, гарчи дар миёни афроди ҷомеа ягона ва муштарак бошад ҳам, аз рӯи он ки Аллоҳ бо додани истеъдодҳои мумтоз мардумро ба ҳис омода месозад, дар байни мардум дар сатҳи

гуногун мешавад. Бинобар ин, вақте ки ҷомеа фикратро меёбад, ин чиз дар он маълум намешавад. Баъд аз он ки таъсири ин кор ҷамъ шуда, дар шахсҳои дорои ҳисси олидараҷа ҷамъ мешавад, ин фикрат дар онҳо бедорӣ, илҳом ва ҳаракатро ба вуҷуд меорад. Дар ин вақт нишонаҳои эҳёшавӣ пеш аз ҳам дар ҳамин ашхос ба назар мерасад.

Дар ин шахсоне, ки дорои ҳисси олидараҷа мебошанд, ҳисси ҷомеа инъикос ёфта, фикрат мутамарказ мегардад, сипас ҳаракати хирад ва дарк ба вуҷуд меояд. Ин ашхос чашмони уммат ва табақаи хирадманди уммат мебошанд.

Вале ин табақаи хирадманд дар рӯ ба рӯи якчанд роҳ ҳайрону беқарор мемонад, пеш гирифтани кадоми онҳоро намедонад. Лекин ҳаракати хирад дар ин табақаи ҷамоӣ гуногун мебошад, мантиқи ҳисси баъзеи онҳо аз баъзеи дигар пурзӯртар мебошад. Ҳамон вақт аз ин табақаи хирадманд гурӯҳи мумтози мунтахаб ба вуҷуд омада, дар натиҷаи омӯзиш ва ҷустуҷӯи дақиқ яке аз роҳҳоро интихоб мекунад. Ин гурӯҳ, чунон ки равшании роҳро мебинад, ғояи қасдшавандаро низ мебинад ва ҳамин роҳро пеш гирифта, ба сӯи ғоя ҳаракат мекунад. Ҳамин тавр, ин гурӯҳ мабдаъро бо фикрату тариқати он ёфта, ба он ҳамчун ақидаи мустаҳкам эътиқод мекунад ва мабдаъ дар он таҷассум ёфта, ба ақидаи он табдил меёбад. Ин ақида якҷоя бо сақофати ҳизб ба робитае, ки шахсони ҳамин гурӯҳро бо ҳам мепайвандад, табдил меёбад.

Вақте ки мабдаъ дар шахсҳо таҷассум меёбад, номаълум монда наметавонад. Балки мабдаъ онҳоро ба даъват ба мабдаъ такон медиҳад. Ҳамон вақт корҳои онҳо дар асоси мабдаъ ташаккул ёфта, мувофиқи барномаи он пеш меравад, дар чорчӯбаи он қарор мегирад. Тамоми ҳаёти онҳо ба мабдаъ, даъват ба ин мабдаъ ва адои вазифаҳои мабдаъ бахшида мешавад. Ин даъват қасд мекунад, ки мардум танҳо ҳамин мабдаъро қабул намоянд ва дар уммат дарки оми мабдаъ ба вуҷуд ояд. Сипас ҳалқаи аввалин ба гурӯҳбандӣ ва гурӯҳбандӣ дар навбати худ ба ҳизби мабдаӣ табдил меёбад ва аз ду ҷиҳат боло меравад: якум – зиёд кардани ҳуҷайраҳои худ бо воситаи пайдо кардани ҳуҷайраҳое, ки мабдаъро куллан ва ҳиссан қабул мекунанд; дуюм – дар тамоми

уммат ба вуҷуд овардани дарки оми мабдаъ. Аз ин дарки оми мабдаъ ягонагии фикрҳо, раъйҳо ва эътиқодҳо, гарчи дар шакли якдилии уммат набошад ҳам, дар шакли ҷамоӣ ҳосил мегардад. Ҳамин тавр, мақсад, ақида ва нуқтаи назари уммат дар бораи ҳаёт яксон мегардад. Ҳамон вақт ҳизб ба хумдоне, ки умматро гудохта, аз чирку фасодиҳо тоза мекунад, табдил меёбад. Ин чирку фасодиҳо сабабгори ақибмонии уммат мебошанд ё дар давраи ақибмонӣ пайдо шудаанд. Ин амалиёте, ки боиси бедоршавӣ мегардад, пурмашаққат аст. Бинобар ин, танҳо ҳизбе, ки бо фикрати худ зинда аст, ҳаёташро ба фикрат бахшидааст ва ҳар як қадами худро дарк мекунад, аз ӯҳдаи ин кор баромада метавонад.

Зеро ҳисси ҳизб, ки боиси фикр мегардад, ин фикрро дар байни якчанд фикри уммат намоён мекунад. Дар натиҷа ин фикр ба яке аз ҳамон фикрҳо табдил меёбад. Сараввал он заифтарини фикрҳо мебошад. Чунки он фикри тозаэҳоде мебошад, ки ҳанӯз ҷойгир нашудааст ва барои он муҳит муҳайё нест. Лекин азбаски он фикр натиҷаи мантиқи ҳис мебошад, яъне он фаҳмиш натиҷаи дарки ҳиссӣ мебошад, ҳисси фикриро ба вуҷуд меорад, яъне ҳисси равшанеро пайдо мекунад, ки дар натиҷаи фикри чуқур ҳосил мешавад. Табиист, ки ин фикр шахсеро, ки онро дар худ муҷассам мекунад, тоза мекунад ва ба шахси холис табдил медиҳад. Ҳатто ӯ, гарчи нохолисиро хоҳад ҳам, аз ӯҳдаи ин баромада наметавонад. Ин фикр дар шахси холис ҳамчун ақида ва сақофат таҷассум меёбад ва дар дили ӯ шӯриши хомӯшнашавандаро пайдо мекунад. Ин шӯриш таркиши баъд аз сӯзиш аст, ки аз фикр ва ҳис пайдо шудааст. Таркиш дар даъват ғайрату садоқат, айни вақт мантиқ ва фикрро афзоиш дода, даъват ба оташзанандаи фасодӣ ва равшангари роҳи некӣ табдил меёбад. Ҳамин тавр, даъват бар зидди фикрҳои фасод, ақидаҳои кӯҳан ва урфу одатҳои кӯҳан ба мубориза мепардозад. Онҳо ба ҳимоякунии худ мекӯшанд. Ин мубориза муддати кӯтоҳ идома меёбад ва ниҳоят тамоми фикрҳо, ақидаҳо ва роҳҳо аз байн рафта, танҳо мабдаи ҳизб ба фикр ва ақидаи ягонаи уммат табдил меёбад.

Ҳизб, вақте ки ягонагии фикрҳо, ақидаҳо ва раъйҳоро ҳосил мекунад, ваҳдати ҳиссии умматро ба вуҷуд меорад ва умматро бо воситаи гудозиш тоза мекунад. Ҳамон вақт уммат ба уммати

ягонаи тақсимнопазир табдил ёфта, дар натиҷа ваҳдати ҳақиқӣ ба вуҷуд меояд.

Сипас дуюм марҳилаи ҳизб фаро мерасад. Ин марҳилаи бедор ва раҳнамун сохтани уммат аст, то ки уммат кориислоҳкуниро ба ӯҳда гирад ва вазифаи худро дар назди тамоми инсоният адо намояд! Ин кор бо воситаи тағйироти куллӣ амалӣ мегардад, то ки ҳизб якҷоя бо уммат рисолати Исломро ба халқу умматҳои дигар расонад.

Ин гурӯҳбандии ҳизбӣ ҳаракати ҷамоӣ мебошад. Дар шакли дигар будани он мумкин нест, чунки гурӯҳбандии дуруст набояд ҳаракати фардӣ бошад. Бинобар ин, шахсоне, ки дар сари ҳизб меистанд, бояд ҳаракатҳои ҷамоиро бо диққат омӯзанд ва дақиқ бифаҳманд.

Тавре ки аз фаҳмиш ва омӯзиши ҳаракатҳои ҷамоии дорои қувваи таъсир аён мегардад, дар вазъияте, ки фаровонӣ мавҷуд аст, ҳуқуқҳои табиии инсон поймол намешавад ва дар ишғоли корҳои муҳим қобилияти шахс миқёс мебошад, ин гуна ҳаракатҳои ҷамоӣ ба вуҷуд намеоянд. Ин гуна фаҳмиш ва омӯзиши ҳаракатҳои ҷамоӣ имкон медиҳад, ки бо воситаи омӯзиши муҳити зист ва вазъиятҳои ҳар гуна ҳаракати ҷамоӣ, комёбии ҳаракат ва фаъолияти шахсони барҷастаи ин ҳаракат дар бартарафсозии монеаҳои роҳ, пешбарии кори ҳаракат ва сабукгардонии вазифаи он ба ҳаракатҳо дуруст баҳо диҳем.

Комёбии ҳаракатҳои ҷамоӣ аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки ҳар вақт ҳокимият ё низоми мавҷуда бар зидди мабдаи ҳаракат ба коре, ки мухолифи мабдаи ҳаракат ва мувофиқи хоҳишу манфиатҳои ҳокимият аст, даст мезанад, дар мардум рӯҳияи норозигиро барангехта, ба эълони ин норозигӣ такон дода тавонад.

Фаҳмидани ҳаракатҳои ҷамоӣ аз мо омӯзиши ҳаёти ҷомеа, донистани алоқаҳои уммат бо ҳокимон ва алоқаҳои ҳокимон бо уммат, асосҳои ин алоқаҳо ва моҳияти пурраи онҳо дар назари Ислом, раъйҳо, фикрҳо ва аҳкоми Ислом, мавқеи ҷомеа нисбат ба онҳо, тағйирот, ивазшавӣ ва иҷтиҳоди ин раъйҳо, фикрҳо ва аҳком, ҳақиқати фуруъ ва усули ин иҷтиҳод ва аз тарафи Ислом эътироф шудани онҳоро тақозо мекунад. Ҳамчунин фаҳмидани ҳаракатҳо

аз мо омӯзиши ҳолати рӯҳии умматро тақозо мекунад. Зеро ин уммат дар ин дунё, ки низоми ҳаёт ва низоми ҳокимият бо теғ, макр ва мол нигоҳ дошта мешавад, аз байни рафтани раъйҳо, фикрҳо ва аҳкоми исломиро мушоҳида мекунад.

Фаҳмидани ҳаракатҳо аз мо тақозо мекунад, ки майл ва нуқтаи назари умматро ба низомҳое, ки бар уммат татбиқ мегарданд, хавфи азбайнравии Исломро ба миён меоранд ва умматро ба вартаи бадбахтиву ҳалокат мебарад, донем, сипас сатҳи моилӣ ва пазириши мутафаккирони умматро ба низоми фасоде, ки ба онҳо татбиқ мегардад, дар онҳо нафратро пайдо кардан ё накардани онҳоро донем ва таъсиргирии онҳоро аз фиребу таҳдидҳо, ба доми ин фиреб афтидан ва ба таҳдидҳо сар хам намудани онҳоро донем.

Сипас тақозо мекунад, ки худи гурӯҳи ҳизбиро шиносем, дорои ҳисси пурзӯр, тафаккури чуқур ва ихлоси соф будани ин гурӯҳро донем, чораҳои дар ҷомеа иҷрошаванда суст накардани имони онро ба Ислом ва қонунҳои он донем, ба он таъсир накардани фиреб, таҳдид, тӯҳфа ва озорҳоро аниқ донем, сипас боварии комил ҳосил кунем, ки ин гурӯҳ ҳарчанд ба зӯроварӣ, зулм, душворӣ ва таҳдид дучор гардад ҳам, то андозаи нигоҳдории мабдаъ дар ҳисори мустаҳкам арзишҳои худро нигоҳ дошта тавонистааст, имонаш коста нагаштааст, бо фикрҳои чуқури исломӣ шодоб шудааст, манфиатҳои умумиро қабул кардааст ва масъулиятро ҳис кардааст, сипас аниқ донем, ки ин гурӯҳ ҳар гуна натиҷаҳоро ба эътибор гирифта, дар ҳоли омода будан ба дӯш гирифтани масъулиятро қасд кардааст.

Ин гуна тафтиши дирӯзу имрӯзи ҳаракатҳои ҷамоӣ моҳияти фаъолияти ҳизби мабдаиро ҳамчун ҳаракати ҷамоӣ нишон медиҳад ва ба аниқ донистани дорои шартҳои ҳизб будани он ва дар роҳи табиии худ пеш рафтани он имкон медиҳад. Ҳатто агар аз роҳи худ берун шудани он ба мушоҳида расад ё дида шавад, ки ба ҷиҳози омӯзишҳо тағйиротворидсозиро ё ҳаракаташ мувофиқгардонӣ ва матонатро дар мубориза тақозо кунад, услубҳое истифода бурда мешавад, ки кафолати адои ӯҳдадории уммат мебошад, ки аз бедорсозии уммат ва ба расонандаи рисолати Ислом ба халқу умматҳои дигар табдил додани он иборат аст.

Ташкили дурусти ҳизб ба тарзи зерин аст:

1. Шахсе, ки аз ҷиҳати фикр ва ҳис бар дигарон бартарӣ дорад, мабдаъро азхуд карда, дар байни ӯ ва мабдаъ ҳамоҳангӣ ба вуҷуд меояд, ки мабдаъ барои ин шахс равшан мегардад. Ҳамон вақт воқеан ҳуҷайраи аввалин ба вуҷуд меояд. Ин ҳуҷайра ба афзоиш рӯ оварда, шахсони дигар пайдо мешаванд, ки ба ҳуҷайраҳо табдил меёбанд ва дар байни онҳо бар асоси мабдаъ ҳамбастагии мукаммал ба вуҷуд меояд. Аз онҳо аввалин ҳалқаи гурӯҳбандии ҳизбӣ – "қиёдати ҳизб" ба вуҷуд меояд. Меҳвари гурӯҳбандии ин шахсҳо ва қуввае, ки онҳоро ба ин меҳвар мекашад, бояд танҳо мабдаъ бошад.

2. Ҳалқаи аввалин одатан камшумор ва дар ибтидо сустҳаракат мешавад, зеро ин ҳалқа, гарчи ҳисси ҷомеаи худро ифода кунад ҳам, бо лафзу маъниҳое ифода мекунад, ки ҷомеа ба шунидани онҳо одат накардааст. Ҳалқаи аввалин, гарчи ҳисси ҷомеаро ифода кунад ҳам, пиндорҳои нав дорад, ки ба пиндорҳои ҳукмрони ҷомеа зид ҳастанд. Бинобар ин, ҳалқаи мазкур дар ҷомеа мисли бегона аст, дар ибтидо танҳо касоне, ки дорои ҳисси пурзӯр мебошанд, ҳамроҳ мешаванд. Зеро ҳисси пурзӯр дар ин касон қобилияти кашишро ба оҳанрабои мабдаъ, ки дар ҳалқаи аввалин вуҷуд дорад, пайдо мекунад.

3. Ҳалқаи аввалин, яъне қиёдат одатан дар тафаккур чуқур ва дар тариқати бедоршавӣ куллӣ мебошад, яъне аз хишти аввал оғоз меёбад. Бинобар ин, аз воқеи фасоде, ки уммат дар он зиндагӣ мекунад, берун шуда ва аз болои он назар карда метавонад, пас воқеъе, ки умматро ба он кӯчондан мехоҳад, яъне ҳаёти нав, ки умматро ба он кӯчондан мехоҳад, дар назари он намоён мегардад. Бо ибораи дигар, ин ҳалқа паси деворро низ дида метавонад. Дар айни вақт аксарияти ҷомеае, ки ин ҳалқа дар он зиндагӣ мекунад, танҳо пеши пойи худро дида метавонанд ва азбаски ба воқеи фасод побанд шудаанд, аз ин воқеъ берун шуда наметавонад, яъне дарки дурусти тағйирдиҳии воқеъ барои онҳо душвор аст. Зеро дар ҷомеаи ақибмонда фикр дар сатҳи ибтидоӣ қарор дорад, ҷомеа тамоми фикрҳоро аз воқеъ мегирад, ашёҳоро ба тарзи хато ва умумӣ ба ин фикрҳо муқоиса мекунад ва худро дар асоси ҳамон

фикр ташаккул медиҳад. Бинобар ин, он манфиатҳоро дар асоси воқеъ муқаррар мекунад.

Аммо аввалин ҳалқаи ҳизб, яъне қиёдат марҳилаи ибтидоии фикррониро убур карда, аллакай ба роҳи камолот қадам мемонад. Бинобар ин, воқеъро манбаи фикрронӣ қарор намедиҳад, ки мабдаъро ба воқеъ мувофиқ гардонад, балки воқеъро майдони фикрронӣ қарор медиҳад, то воқеъро мувофиқи мабдаъ тағйир диҳад. Аз ин сабаб, кӯшиш мекунад, ки воқеъро дигаргун созад, дар асоси мабдаъ ташаккул диҳад ва ба хоҳиши худ мутеъ гардонад, то воқеъро ба мабдаи худ мувофиқ гардонад, на мабдаъро ба воқеъ. Аз ин рӯ, дар байни ҷомеа ва аввалин ҳалқаи ҳизб дар фаҳмидани нуқтаи назар дар бораи ҳаёт фарқи калон мавҷуд аст, ки бояд кам карда шавад.

4. Аввалин ҳалқаи ҳизб, яъне қиёдат дар фикр ба қоидаи устувор такя мекунад: фикр бояд бо амал пайваст шавад ва фикру амал барои ғояи муайян бошад, ки аз ҳар ду қасд карда мешавад. Бинобар ин, дар ин ҳалқа, азбаски мабдаъ вуҷуд дорад ва фикр ба қоида такя мекунад, муҳити устувори имонӣ ба вуҷуд меояд ва дар тағйирдиҳӣ ва мутеъ гардонидани воқеъ мусоидат менамояд. Зеро ин гуна фикр аз муҳити атроф таъсир намегирад, балки ба муҳит таъсир расонида, дар асоси худ ташаккул медиҳад. Аммо ҷомеаи ақибмонда дар фикр ба ягон қоида такя намекунад, зеро тамоми ҷомеа ғояи фикру амали худро, ки аз ҳар ду қасд карда мешавад, намедонад. Ғояҳои афроди ҷомеа шахсӣ ва муваққатӣ мебошанд. Бинобар ин, дар ин ҷомеа муҳити имонӣ вуҷуд надорад. Дар натиҷа ҷомеа маҷбур мешавад, ки аз муҳити атроф таъсир гирад ва дар асоси ин муҳит ташаккул ёбад, муҳитро дар асоси худ ташаккул дода наметавонад. Бинобар ин, сараввал дар байни ҳалқаи аввалини ҳизб ва ҷомеае, ки ин ҳалқа зиндагӣ мекунад, зиддият сар мезанад.

5. Яке аз вазифаҳои ҳалқаи аввалини ҳизб (қиёдат) ба вуҷуд овардани муҳити имонист, ки тариқати муайяни фикррониро муайян мекунад. Бинобар ин, бояд бо мақсади болоравии босуръат ва пурра соф кардани муҳит ҳаракатҳои банақша анҷом диҳад, то ки ҷисми ҳизби худро бо суръат ва дар шакли солим бунёд карда тавонад. Инчунин бояд бо суръат инкишоф ёфта, аз ҳалқаи ҳизбӣ

ба гурӯҳбандии ҳизбӣ ва сипас ба ҳизби мукаммал табдил ёбад, ки аз ҷомеа таъсир намегирад, балки бо нуқтаи назари худ ба он таъсир мерасонад.

6. Ин ҳаракатҳои банақша барои эҳтиёт аз дохил шудани унсури фасод ба вуҷуди ҳизб ва сар задани хато дар таъсиси яке аз ҷиҳозҳои ҳизб, ки дар гурӯҳбандӣ аҳамияти муҳим дорад, бо омӯзиш ва назорати ҳиссии шахсҳову муҳитҳо якҷоя бурда мешавад, то ин хато ҳизбро аз самти дуруст гумроҳ насозад ва дар дохили ҳизб тақсимшавӣ ба вуҷуд наояд.

7. Ақидаи собиту устувор ва сақофати мукаммали ҳизбӣ бояд робитаи миёни аъзоёни ҳизб бошад, инчунин қонуне, ки ҷамоати ҳизбро ба ҷунбиш меорад, на қонуни идорӣ, ки дар коғаз дарҷ гардидааст, балки айнан ҳамин ақида ва сақофат бошад. Тариқати тақвиятбахшии ин ақида ва сақофат омӯзиш ва фикрронӣ аст, то ақл дар шакли хоса ташаккул ёбад ва фикре ба вуҷуд ояд, ки ба ҳис пайвастааст. Тамоми ҳизбро бояд дар шакли ҳамешагӣ муҳити имонӣ фаро гирад, то ки омили муттаҳидкунандаи ҳизб ду чиз: қалб ва ақл бошад. Бинобар ин, имон ба мабдаъ ногузир аст, ки аъзоёни ҳизбро пеш аз ҳама қалб бипайвандад. Сипас мабдаъро дақиқ омӯхтан, дар ёд нигоҳ доштан, азхуд кардан ва фаҳмидан зарур аст, то ки робитаи дуюм – ақл ҳосил шавад. Ҳамин тавр, ҳизб дуруст таъсис дода мешавад ва робитаи он то андозае мустаҳкаму мукаммал мегардад, ки дар рӯбарӯи ҳар гуна монеаву душвориҳо бо саботу матонат истодагарӣ кардани ҳизб имконпазир мегардад.

8. Қиёдати ҳизб (ҳалқаи аввалини ҳизб), аз як ҷиҳат, ба муҳаррик монанд бошад, аз ҷиҳати дигар монанд нест. Ҷиҳати монандӣ чунин аст:

Муҳаррики бо газ коркунанда дорои қувваи гармист, ки ҳангоми ҳаракати таҳрикӣ аз бензин ва шарора ҳосил мешавад. Аз ин қувваи гармӣ дар ҳаво фишор пайдо мешавад, ки навард (вал)-ро тела медиҳад ва навард низ ҳаракати худро ба қисмҳои дигар интиқол медиҳад, дар натиҷа дастгоҳ ба ҳаракат меояд. Бинобар ин, се чиз: шарора, бензин ва ҳаракати таҳрикӣ омилҳои асосӣ мебошанд. Зеро аз ин се чиз қувваи гармӣ ҳосил мешавад, ки аз он фишор ба вуҷуд меояд ва ин фишор қисмҳои дигарро ба ҳаракат меорад, дар натиҷа дастгоҳ ба кор медарояд. Агар ҳаракати

таҳрикӣ қатъ гардад, ҳаракати тамоми қисмҳои дигар низ қатъ мегардад. Барои он ки муҳаррик ба кор дарояд ва сипас дастгоҳро ба ҳаракат дарорад, албатта бензин, шарора ва ҳаракати таҳрикӣ зарур аст. Ҳамин тавр, фикрате, ки қиёдати ҳизб (ҳалқаи аввалини ҳизб) дорад, ба ҷои шарора, ҳисси шахсони хирадманд дар таркиби қиёдат ба ҷои бензин ва инсоне, ки ҳиссаш аз фикрат таъсир гирифтааст, ба ҷои ҳаракати таҳрикӣ аст. Бинобар ин, вақте ки фикрат ба ҳисси инсон мепайвандад, қувваи гармиро пайдо мекунад ва ин қувва қиёдатро ба ҳаракат такон медиҳад. Ин ҳаракати қиёдат ба қисмҳои дигари ҳизб, аз қабили шахсҳо, ҳалқаҳо ва ҷиҳозҳои маҳаллӣ интиқол ёфта, ин қисмҳо аз ҳарорати қиёдат таъсир мегиранд ва тамоми ҳизб монанди дастгоҳ ба ҳаракат меояд. Ҳамон вақт фаъолияти ҳизб оғоз ёфта, дар ташаккулёбӣ ба давраи нашъунамо қадам мемонад.

Бинобар ин, чунон ки барои ба кор даромадани дастгоҳ ҳаракати таҳрикӣ зарур аст, барои ба кор даромадани тамоми қисмҳои ҳизб бояд қиёдат ба тамоми қисмҳои ҳизб қувваи гармӣ диҳад. Ин ҷиҳати монандии қиёдати ҳизб ва муҳаррик мебошад. Бинобар ин, сарварони ҳизб бояд ба ҳамин ҷиҳат эътибор дода, бо қисмҳои дигари ҳизб ҳамеша пайваст шаванд ва ба ҳаракат такон диҳанд, то ки ҳарорати қиёдат ба ҳамаи онҳо таъсир расонад. Агар бинанд, ки аъзоён ва ҷиҳозҳои ҳизб ҳангоми пайваст нашудан ва ба ҳаракат такон надодан ба ҳаракат намеоянд, ҳеҷ ноумед нашаванд ва бидонанд, ки ин ҳолати табиист. Зеро дастгоҳ танҳо ҳангоми ба ҳаракат омадану қувваи гармӣ ҳосил кардани муҳаррик ба кор медарояд.

Вале қиёдат (ҳалқаи аввалини ҳизб), чунон ки наварди муҳаррик ҳаракати худро ба қисмҳои дигар интиқол медиҳад, ҳамеша ҳаракатро ба қисмҳои дигари ҳизб интиқол намедиҳад. Агарчи ба ҳаракат овардани он сараввал ба ҳамин тарз бошад ҳам, баъд аз оғози фаъолияти ҳизб аз ин фарқ мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳалқаи аввалини ҳизб (қиёдат) ба муҳаррик монанд нест. Зеро муҳаррик омилест, ки дастгоҳро ҳамеша ба ҳаракат медарорад. Аммо қиёдат дастгоҳи иҷтимоӣ аст, на дастгоҳи механикӣ. Аъзоён, ҳалқаҳо ва ҷиҳозҳои маҳаллии ҳизб оҳан нестанд, балки фарзанди башаранд, ки дар онҳо ҳаёт мавҷуд аст. Онҳо аз ҳарорати қиёдат, яъне аз

ҳарорати мабдаъе, ки дар он таҷассум ёфтааст, таъсир мегиранд. Бинобар ин, онҳо баъд аз фаҳмидани фикрат ва ба ҳарорати ҳизбии қиёдат ҳамроҳ шудан ба як қисми муҳаррик табдил меёбанд. Ҳамин вақт худи ҳаракати қиёдат ба омиле табдил меёбад, ки бо воситаи қувваи гармӣ ҳаракатро ба тамоми ҳизб дар шакли табиӣ интиқол медиҳад. Зеро қиёдат, ки муҳаррики иҷтимоӣ аст, дар тамоми ҳизб ягонагии фикриро пайдо мекунад, ки он вусъат меёбад. Ҳамин вақт натанҳо қиёдат, балки тамоми ҳизб дорои ҳаракати муҳаррик мегардад. Зеро ҳаракати муҳаррик густариш ва ташкили ҳизб такмил ёфтааст. Бинобар ин, фаъолияти ҳизб ба ҳаракати қиёдат ва ҳарорат додани он эҳтиёҷ пайдо намекунад, балки мабдаъ аъзоёни ҳизбро ба ҳаракат меорад ва ҳалқаву ҷиҳозҳои маҳаллии ҳизб бидуни эҳтиёҷ ба ҳаракати қиёдат ба тарзи автоматикӣ ҳаракат мекунанд. Зеро ҳарорати ҳар як қисм аз мабдаъ ва аз ягонагии фикрӣ, ки дар ҳизб барҷаста намоён аст ва бо ин қисмҳо дар шакли табиӣ якҷоя шудааст, ҳосил мегардад.

9. Ҳизби мабдаӣ бояд се марҳиларо убур кунад, то ки ба татбиқи мабдаи худ дар ҷомеа муваффақ гардад:

Якум – марҳилаи омӯзиш ва таълим, то ки сақофати ҳизбӣ ҳосил гардад;

Дуюм – марҳилаи таъсиррасонӣ ба ҷомеаи худ, то ки мабдаъ ба урфи оми ҳиссӣ табдил ёфта, тамоми ҷомеа онро мабдаи худ донад ва дар шакли ҷамоӣ ҳимоя намояд. Дар ин марҳила дар байни уммат ва мухолифони татбиқи мабдаъ: мустамликадорон, ҳокимони гумошта, ҷаҳолатпарастон ва касоне, ки бо сақофати аҷнабӣ заҳролуд шудаанд, мубориза сар мезанад. Зеро уммат мабдаъро мабдаи худ ва ҳизбро сарвари худ медонад;

Сеюм – марҳилаи ба даст гирифтани ҳокимият бо воситаи уммат, то ки ҳокимият тариқати татбиқи мабдаъ ба уммат бошад. Ҷиҳати амалии ҳизб дар майдони ҳаёт айнан аз ҳамин марҳила оғоз меёбад ва ҷиҳати даъват ба мабдаъ барои давлат ва ҳизб ба кори асоси табдил меёбад, зеро мабдаъ рисолатест, ки уммат ва давлат бояд онро густариш диҳанд.

10. Марҳилаи якум марҳилаи таъсис аст, яъне марҳилаи баробар донистани тамоми афроди уммат дар холӣ будан аз ҳар гуна

сақофати дуруст ва мактаби ҳизб донистани тамоми ҷомеа аст, то ки бо мақсади оғози тарбияи хоҳишмандони аъзогии ҳизб бо сақофати ҳизб ва таъсир расонидан ба ҷомеа дар муддати кӯтоҳтарин гурӯҳе тарбия ёбад, ки ба ҳизб ҳамроҳ шуда метавонад.

Лекин бояд аён бошад, ки ин тарбия аз таълим ва ҳизб аз мактабҳои оддӣ куллан фарқ мекунад. Бинобар ин, сақофат дар ҳалқаҳо бояд бо эътибори муаллим будани мабдаъ ба роҳ монда шавад, дар илм ва сақофате, ки азхуд карда мешавад, танҳо бо қисме, ки барои ба мабдаъ ва майдони ҳаёт таваҷҷӯҳ намудан лозим аст, кифоя карда шавад ва дар майдони ҳаёт ба онҳо дарҳол амал карда шавад.

Аз ин рӯ, сақофат бояд амалӣ бошад, яъне барои дар ҳаёт амал кардан азхуд карда шавад. Инчунин дар байни зеҳн ва ҷиҳати назарӣ бояд монеаи калон гузошта шавад, ки сақофати ҳизбӣ шакли самти назарии таълими мактабиро нагирад.

11. Ҳизб гурӯҳбандиест, ки бар асоси мабдаъ: фикрат ва тариқате, ки аъзоёнаш ба он имон овардаанд, бунёд шудааст. Он фикр ва ҳисси ҷомеаро назорат мекунад ва ба ақибмонии фикр ва ҳисси ҷомеа роҳ намедиҳад, то ки фикр ва ҳисси ҷомеаро мунтазам ривоҷ диҳад. Ҳизб умматро тарбия мекунад, ба воя мерасонад ва ба майдони ҳаёти ҷаҳонӣ равона месозад. Он мураббии ҳақиқист. Мактабҳо, ҳарчанд сершумор, фарогир ва гуногун бошанд ҳам, ҷогузини он шуда наметавонанд.

Дар байни ҳизб ва мактаб якчанд фарқ вуҷуд дорад, ки фаҳмидани он лозим аст:

а) Модом ки дар ҷомеа ҳизбе ҳамчун мураббии ҷомеа ба вуҷуд наояд, мактаб, ҳарчанд барномаҳои дуруст дошта бошад ҳам, умматро ба сӯи бедоршавӣ раҳнамун сохта наметавонад. Зеро мактаб, ҳарчанд озод бошад ҳам, табиист, ки ба қолаби муайян рехта мешавад. Он бар асосе бунёд мегардад, ки шакли хоса ва сифати муайян дорад. Аз ин сабаб, мактаб дорои қобилияте нест, ки дар асоси ривоҷёбии воқеъ ташаккул ёбад. Агарчи дар ҳамин асос ташаккулёбии он хоста шавад ҳам, то пайдо шудани ташаккулёбӣ меҳнати вазнин ва муддати тӯлонӣ зарур мешавад.

Мактаб, чунон ки дар боло зикр гардид, на дар асоси ташаккулёбӣ, балки дар асоси устувор таъсис дода мешавад.

б) Ҳизбе, ки дар асоси барномаи дуруст ба вуҷуд омадааст, хусусиятҳои зеринро дорад:

1) Нерӯи ҳаётӣ, яъне он нашъунумӯ мекунад.

2) Такомули тадриҷӣ, яъне он тадриҷан аз ҳоле ба ҳоле мегузарад.

3) Ҳаракат, яъне он дар ҷомеа аз табақае ба табақае ва дар кишвар аз гӯшае ба гӯшае интиқол меёбад.

4) Ҳис, яъне он ҳар як воқеаро, ки дар ҷомеа рух медиҳад, ҳис мекунад ва ба он таъсир мерасонад.

Ҳизб дар асоси ташаккули ҳаёт ва ҳис таъсис меёбад. Дар он такомули доимӣ ва тағйирёбии муттасил мавҷуд аст. Он аз рӯи як хат ҳаракат намекунад, зеро ҳамроҳи ҳаёт ва тамоми падидаҳои он ҳаракат мекунад, то ки ҳаётро бар асоси муҳити имонии худ ташаккул дода, воқеъро тағйир диҳад ва ба мабдаъ мувофиқ гардонад.

в) Мактаб дар асоси таълими шахс бо эътибори шахси муайян бунёд мегардад. Он, гарчи ҷамоаи хурдтар бошад ҳам, аз ҷиҳати таълимӣ фардист, на ҷамоӣ. Бинобар ин, натиҷаҳои он низ фардӣ мешавад, на ҷамоӣ. Масалан, агар дар шаҳре, ки даҳ ҳазор аҳолӣ дорад, мактабҳо мавҷуд бошанд ва ба ҳазор хонанда таълим диҳанд, ин мактабҳо дар ин шаҳр ҳеҷ гуна бедоршавии ҷамоиро пайдо карда наметавонанд.

г) Ҳизб дар асоси тарбияи ҷамоат қатъи назар аз шахсҳои он бо эътибори ҷамоати ягона бунёд мегардад. Он ба шахсҳои ҷамоат на ҳамчун шахсҳои муайян, балки ҳамчун ҷузъҳои ҷамоат менигарад. Онҳоро дар шакли ҷамоӣ тарбия медиҳад, то ки ба ҷузъи ҷамоат будан шоиста гарданд, на ба шахсҳои муайян будан. Бинобар ин, натиҷаҳои ҳизб ҷамоӣ мешавад, на фардӣ. Масалан, дар кишваре, ки як миллион аҳолӣ дорад, ҳизбе бошад, ки сад нафар аъзо дорад, дар ин кишвар бедоршавиро ба вуҷуд оварда метавонад, ки мактаб муддати тӯлонӣ бо сарфи меҳнатҳои зиёд ва таълими хонандагони сершумор аз ӯҳдаи ин кор баромада натавонистааст.

д) Мактаб дар асоси ташаккули шахс барои таъсиррасонӣ ба ҷамоати худ бунёд мегардад. Шахс танҳо таъсири ҷузъӣ расонида

метавонад. Чунки ӯ дорои ҳисси ҷузъӣ аст, ки дар бедоршавии фикр таъсири заиф дорад.

е) Ҳизб дар асоси ташаккули ҷамоат барои таъсиррасонӣ ба шахс бунёд мегардад. Ҷамоат дар шакли умумӣ таъсир расонида метавонад. Зеро ҳисси он пурзӯр, бедоркунанда ва ба бедор кардани фикр қодир аст. Бинобар ин, таъсири ҷамоат ба шахсҳо пурзӯр мебошад ва ҷамоат дар муддати кӯтоҳ бо меҳнати андак дар шахсҳо бедоршавиро пайдо мекунад. Чунки омиле, ки фикрро бедор мекунад, ҳис аст, дар натиҷаи пайвастшавии фикру ҳис барои бедоршавӣ ҳаракат ба вуҷуд меояд.

ҷ) Мазмуни мухтасари фарқи ҳизб ва мактаб аз се чиз иборат аст:

1) Мактаб ба як қолаб рехта мешавад ва ба ташаккулёбӣ дар асоси ҳаёт қобил нест. Аммо ҳизб такмилёбанда аст ва ба як қолаб рехта намешавад. Ҳизб ҳамнафаси ҳаёт ба ташаккулёбӣ қобил аст ва ҳаётро бо муҳити имонии худ ташаккул медиҳад.

2) Мактаб шахсро барои ба ҷамоат таъсир расондан таълим медиҳад ва натиҷаҳои он фардист. Аммо ҳизб ҷамоатро барои ба шахс таъсир расондан тарбия мекунад ва натиҷаҳои он ҷамоист.

3) Мактаб барои ба ҳисҳои ҷамоат таъсир расонидан дар шахс ҳисси ҷузъиро ба вуҷуд меорад. Ин ҳис ба ҳисҳои ҷамоат таъсир расонида наметавонад ва аз бедоркунии фикри он оҷиз аст. Ҳизб барои ба ҳисҳои шахсҳо таъсир расонидан дар ҷамоат ҳисси мукаммалро ба вуҷуд меорад. Ин ҳис ба онҳо таъсир расонида, фикрҳоро ба тарзи мукаммал бедор карда метавонад.

12. Дар ин марҳила набояд фаромӯш кард, ки тамоми ҷомеа барои ҳизб мактаби калон ба ҳисоб меравад, бо вуҷуди ин, дар байни ҳалқаҳои сақофии мактаб ва ҳизб фарқи ҷиддӣ вуҷуд дорад.

Фаромӯш накардани мактаби ҳизб будани тамоми ҷомеа барои он лозим аст, ки вазифаи ҳизб дар ин давра бедор кардани эътиқоди солим ва пайдо кардани пиндорҳои дуруст мебошад. Бинобар ин, албатта фаъолияте дар асоси мактаб зарур аст. Мабдаи ҳизб муаллим ва сақофати ҳизб китоби дарсӣ мебошад. Ин мабдаъ ва сақофат дар шахсоне, ки мабдаъ таҷассум ёфтааст, намоён мегардад. Онҳо устодони бевоситаи ҷомеа ҳастанд. Ҷиҳозҳои маҳаллӣ ва ҳалқаҳои онҳо синфхона ва тамоми ҷомеа мактаб мебошад. Ин гуна фаъолият дар асоси мактаб аз касоне, ки ба ҳизб

аъзо шуда, пиндорҳои онро қабул кардаанд, омӯзиши дақиқ, фаҳмиши дуруст, муҳокимаи доимии сақофати ҳизб, инчунин дар ёд нигоҳ доштани барнома, аҳкоми зарурӣ ва қоидаҳои куллиро, ки ҳизб табаннӣ кардааст, тақозо мекунад. Барои ин чиз дар асоси мактаб омӯхтан лозим аст. Бинобар ин, ҳангоми машғулшавӣ бо ҳар як кас, ки ба ҳизб дохил шудан мехоҳад, қатъи назар аз мавҷудияти маълумоти олӣ ё маълумоти миёна ё қобилияти тарбияёбӣ ба ҳамин ҷиҳат аҳамияти калон додан лозим аст. Ҳангоми машғулшавӣ бо ҳар гуна шахс ба сақофат бепарво нигаристан, гарчи ӯ ба ҳизб аъзо бошад ҳам, шахсро аз ҳизб бегона мекунад. Гоҳо аз ин кирдор ба ҷиҳози умумӣ зарар мерасад.

Ҳизб дар ин марҳила пеш аз пайдо шудани шахсоне, ки бо сақофати ҳизбӣ тарбия меёбанд, набояд ба фаъолияти амалӣ пардозад. Бинобар ин, марҳилаи мазкур танҳо марҳилаи сақофат аст.

Фаромӯш накардани фарқи сақофати мактаб ва сақофати ҳизб барои он зарур аст, ки сақофати ҳизб ба сақофати мактаб табдил наёбад. Дар акси ҳол ҳизб фаъолии худро аз даст медиҳад. Бинобар ин, дар сақофати ҳизб бояд миёни ҷиҳати назарӣ ва касе, ки ба ҳизб мансуб аст, монеа гузошта шавад. Ҳамчунин ҳамеша бояд дар ёд дошт, ки сақофати ҳизб барои тағйирдиҳии пиндорҳо, дар майдони ҳаёт амалигардонии онҳо ва дар байни уммат паҳн кардани мафкура мебошад. Соҳиби сақофати ҳизбро саргарми ҷиҳати назарӣ шудан ҷоиз нест. Агар ӯ ба илм эҳтиёҷ дошта бошад, ҷои илм мактаб аст, на ҳизб. Дар сақофат саргарми ҷиҳати назарӣ шудан хатарнок аст, зеро он хусусияти амалияро аз байн мебарад ва ба марҳилаи дуюм убур кардани ҳизбро ба таъхир меафканад.

13. Марҳилаи дуюм марҳилаи ба уммат таъсиррасонӣ мебошад. Ин марҳилаест, ки мубориза ҳамроҳи он аст. Аз ин рӯ, марҳилаи нозук эътибор карда мешавад. Комёбии марҳилаи мазкур далели ташкили дурусти ҳизб ва нокомӣ далели мавҷудияти камбудӣ дар таъсиси ҳизб аст, ки бояд ислоҳ карда шавад. Марҳилаи мазкур ба марҳилаи якум такя мекунад. Бинобар ин, комёбии марҳилаи якум барои комёбии марҳилаи дуюм шарти асосӣ ба ҳисоб меравад. Лекин комёбии марҳилаи якум, ки аз ҷиҳати сақофат ба даст омадааст, барои комёбии марҳилаи дуюм кифоя нест. Балки

комёбии сақофӣ бояд дар байни мардум маълум бошад, яъне мардум донанд, ки дар ҷомеа даъват мавҷуд аст ва аъзои ҳизб даъватро расонида истодааст. Ҳамчунин дар давраи ташаккулёбии сақофӣ дар ҳалқаҳо, пайвастшавии аъзоён бо ҷомеаи худ ва ба он таъсир расонидани онҳо бояд рӯҳияи ҷамоӣ ташаккул ёфта бошад. Онҳо, вақте ки ба марҳилаи дуюм мегузаранд, бояд омодагии ҷамоӣ дошта бошанд. Ҳамон вақт ба уммат таъсир расонидани онҳо осон мегардад.

14. Аъзои ҳизб, баъд аз он ки дар ӯ мувофиқати нафсия ва ақлия ҳосил шуда, ба шахсияи исломӣ табдил меёбад ва аз ҷиҳати сақофӣ ба камол мерасад, аз давраи сақофат ба давраи таъсиррасонӣ мегузарад. Зеро Расул (с) гуфтаанд:

"لاَ يُؤْمِنُ أَحَدُكُمْ حَتَّى يَكُونَ هَوَاهُ تَبَعًا لِمَا جِئْتُ بِهِ"

"***Ҳеҷ кас аз шумо, то хоҳишаш ба он чӣ, ки ман овардаам, тобеъ нашавад, мӯъмин намешавад***".

Ҳамчунин баъд аз он ки мардум даъвати исломиро расонида истодани ӯро медонанд ва майлҳои ҷамоӣ, то андозае ки бо сабаби иштирок дар ҳалқаҳо ва пайвастшавӣ бо ҷомеа дар ӯ узлатро барҳам медиҳад, тақвият мегирад ва дар ӯ намоён мегардад, аз давраи сақофат ба давраи таъсиррасонӣ мегузарад. Зеро узлат аз мардум омехтаи тарсончакӣ ва ноумедӣ аст, ин гуна иллат бояд дар ҷомеа ва шахсҳо куллан барҳам дода шавад.

15. Ҳизб аз давраи сақофат ба давраи таъсиррасонӣ дар шакли табиӣ мегузарад. То андозае табиӣ мегузарад, ки агар пеш аз ин вақт гузаштанро мехост, аз ӯҳдаи ин баромада наметавонист. Сабаб ин аст, ки дар давраи сақофат "нуқтаи ибтидо" такмил меёбад, зеро сақофат мабдаъро дар шахсҳо муҷассам мекунад, дар натиҷа ҷомеа даъват ва мабдаъро кушоду равшан ҳис мекунад. Вақте ки таҷассуми мабдаъ дар шахсҳо, яъне ба дилҳои онҳо коридани мабдаъ ва ҳисси мабдаъ дар ҷомеа комилан ба охир мерасад, даъват бояд "нуқтаи ибтидо"-ро убур карда, ба "нуқтаи ҳаракат" кӯчад. Барои он ки ҳизб дар "нуқтаи ҳаракат"

фаъолиятро оғоз кунад, бояд ба уммат хитоб кунад. Барои он ки ба уммат хитоб карданро оғоз намояд, пеш аз ҳама ба хитобкунӣ кӯшиш намояд. Агар дар ин кор комёб гардад, ба уммат бевосита хитоб мекунад. Кӯшиш ба хитобкунӣ бо сақофати муназзам дар ҳалқаҳо, сақофати ҷамоӣ ба мардум дар ҷойҳои имконпазир, фош сохтани нақшаҳои мустамликадор ва муайян кардани манфиатҳои уммат мешавад. Агар ҳизб дар ҳамин чор кор комёб гардад, ба хитоби уммат шурӯъ намуда, дар шакли табиӣ ба нуқтаи ҳаракат мекӯчад. Ин гуна гузариш ба "нуқтаи ҳаракат" ҳизбро аз давраи сақофат – марҳилаи якум ба давраи таъсиррасонӣ – марҳилаи дуюм дар шакли табиӣ интиқол медиҳад ва ҳизб ба уммат таъсир расонданро саривақт дар шакли табиӣ оғоз мекунад.

16. Ба уммат таъсир расонидан барои фаъолияти комёбии ҳизб кори зарурист. Чунки аъзоёни ҳизб, ҳарчанд дар байни уммат зиёд бошанд ҳам, модом ки бо уммат якҷоя нашаванд, ҳарчанд баркамол бошанд ҳам, модом ки ҳамқадами уммат набошанд, ба танҳоӣ ягон корро анҷом дода наметавонанд. Агар онҳо ба уммат таъсир расонанд ва дар ин таъсиррасонӣ комёб гарданд, танҳо ҳамон вақт умматро ба фаъолияти якҷоя раҳнамун сохта метавонанд ва уммат ба онҳо ҳамроҳ мешавад. Ба уммат таъсир расонидан ҷамъ кардани мардум дар атрофи худ нест. Балки мақсад аз таъсиррасонӣ ба уммат фаҳмондани мабдаъ аст, то ки мабдаи ҳизб ба мабдаи уммат табдил ёбад. Чунки асли мабдаъ, яъне Ислом дар уммат мавҷуд аст. Зеро ҳисси уммат ба фикре табдил меёбад, ки дар гурӯҳбандии баргузидаи ҳизбӣ равшан гаштааст. Қоидаи ин ҳис (яъне фикр ва амал барои ғояи муайян) ифодаи ҳақиқии мабдаъ мебошад. Бинобар ин, мабдаъ, яъне Ислом ҳисси дохилии Уммати Ислом аст, ҳизб айнан ҳамин ҳисро ифода мекунад. Агар ҳизб ифодаи зебо, баёни равон ва қавли саҳеҳ дошта бошад, уммат мабдаъро бо зудӣ фаҳмида, ба ҳизб ҳамроҳ мешавад ва ҳамон вақт тамоми уммат ҳизб эътибор карда мешавад. Гурӯҳи мунтахаб бо воситаи гурӯҳбандии ҳизбӣ роҳбарии ҳаракатро, ки умматро таҳти роҳбарии ҳизб ба марҳилаи сеюм – татбиқи инқилобии мабдаъ бо воситаи ҳокимият мерасонад, ба дӯш мегирад. Гурӯҳбандии ҳизбӣ ҳокимиятро бо

эътибори "тариқати ягонаи татбиқи фикрат, яъне як ҷузъи мабдаъ" ба даст мегирад.

Лекин дар роҳи ин таъсиррасонӣ якчанд душворӣ пеш меояд, ки барои бартараф намудани онҳо донистан ва фаҳмидани табиати онҳо зарур аст. Ин гуна душвориҳо зиёданд:

а) Мухолифати мабдаъ ба қонунҳое, ки дар ҷомеа татбиқ карда мешаванд.

Мабдаи ҳизб нисбат ба ҷомеаи мавҷуда қонуни нави ҳаёт аст. Он ба қонунҳое, ки дар ҷомеа татбиқ карда мешаванд ва ҳокимон мардумро бо онҳо идора мекунанд, зид аст. Бинобар ин, онҳо дар ин мабдаъ нисбат ба худ ва вуҷудашон хатарро мебинад. Албатта ба он муқовимат намуда, бо воситаҳои гуногун: ташвиқот, таъқиби даъваткунандагон ва истифодаи воситаҳои моддӣ мубориза мебаранд. Аз ин сабаб, даъваткунандагон, вақте ки барои таъсиррасонӣ ба уммат бо воситаи даъват ба мабдаи худ ҳаракат мекунанд, бояд ба қадри имкон аз озорҳо худро нигоҳ доранд, бо баёни даъват бо ташвиқотҳои гумроҳсозанда мубориза баранд ва ба тамоми машаққатҳои ин роҳ бардошт кунанд.

б) Мавҷудияти сақофатҳои гуногун дар ҷомеа низ яке аз душвориҳост.

Дар ҷомеа сақофатҳои гуногун вуҷуд дорад. Уммат фикрҳои гуногун, лекин ҳисси ягона дорад. Сақофатҳои гуногун, хусусан сақофатҳои мустамликадорӣ ифодаи акси ин ҳис мебошад. Сақофати мабдаъ, яъне сақофати исломӣ ифодаи дурусти ҳисси уммат мебошад. Вале дар бораи сақофат ва барномаҳои таълимии мактабҳо, масканҳои дигари таълиму сақофат дар ҷомеа афкори омма вуҷуд дорад, ки ба сақофати аҷнабӣ мувофиқ аст. Бинобар ин, ҳизб бояд бо сақофати худ ба давраи мубориза бар зидди сақофат ва фикрҳои дигар дохил шавад, то ки дар назди уммат ифодаи дурусти ҳисси он намоён гашта, уммат мувофиқи ҳамин ифода амал кунад. Аз ин рӯ, дар ин давра табиист, ки дар байни сақофату фикрҳои ҳизб ва сақофату фикрҳои дигар бархӯрд ба амал меояд. Ин бархӯрд дар байни фарзандони уммат аст. Бинобар ин, бархӯрд шакли мунозираи бесамарро намегирад, балки ҷамоаи ҳизб тариқати кашидани хатти рост дар пеши хатти каҷро пеш мегирад, ҳаргиз ба мунозираи бесамар шурӯъ намекунад, то ки

боиси худбинӣ нагардад. Зеро маҳз аз рӯи худбинӣ ҳақиқатро намебинанд ва намешунаванд. Ҳизб тавассути баён кардани фикрҳои худ фош месозад, ки сақофату фикрҳои дигар сафсатаву хушку холӣ мебошад ва натиҷаҳои хатарнок доранд. Ҳамон вақт уммат аз сақофату фикрҳои дигар рӯ гардонида, ба сақофату фикрҳои ҳизб рӯ меоварад. Ҳамчунин соҳибони сақофату фикрҳои хушку холӣ, вақте ки сафсата будани сақофату фикрҳоро медонанд, агар хирадманд, холис ва софдил бошанд, аз сақофату фикрҳои худ рӯ мегардонанд. Лекин ин фаъолият барои ҳизб яке аз фаъолиятҳои пурмашаққат мебошад. Бинобар ин, ба вуҷуд овардани таъсиррасонӣ ба уммат дар ҷойҳое, ки сақофати аҷнабӣ бисёр интишор ёфтааст, нисбат ба ҷойҳое, ки кам интишор ёфтааст, душвортар аст. Қобилияти бедоршавӣ дар ҷойҳое, ки зиёиёни бо сақофати аҷнабӣ тарбияёфта каманд, нисбат ба ҷойҳое, ки ин гуна ашхос зиёданд, бештар аст. Бинобар ин, ҳизб, вақте ки барои ба ягон ҷомеа таъсир расонидан ҳаракат мекунад, бояд онро ба хубӣ дарк кунад, то ки ба тарзи муносиб ба ҳамин ҷомеа амал намояд.

в) Мавҷудияти реалистҳо (воқеъпарастон) дар байни уммат низ яке аз душвориҳост.

Зеро дар байни уммат ду гурӯҳ мавҷуд аст, ки натиҷаи сақофати аҷнабӣ, заҳролудсозии аҷнабӣ ва ҷаҳолат мебошад. Ин гурӯҳҳо реализм (воқеъпарастӣ)-ро инъикос мекунанд:

**Якум** – гурӯҳи воқеъпарастон, ки ба воқеъ, ба он розӣ шудан ва эътирофи он ҳамчун кори халосинопазир даъват мекунанд. Ин гурӯҳ воқеъро ба манбаи фикррронӣ табдил дода, ҳалли муаммоҳоро аз он мегирад. Роҳи бартарафсозии ин душворӣ бо ин гурӯҳ ба баҳси чуқур пардохтан аст, то ки онҳо бинанд ва дарк кунанд, ки барои тағйирдиҳии воқеъ майдони фикррронӣ кардани воқеъ зарур аст. Танҳо ҳамон вақт мумкин аст аз фикри худ даст кашанд.

**Дуюм** – гурӯҳи ҷаҳолатпарастон, ки аз зиндагӣ дар нур сар мепечанд. Чунки вакилони ин гурӯҳ ба зиндагӣ дар зулмат ва ба ҳаёти сатҳиву хушку холӣ одат кардаанд. Онҳо ба танбалии ҷисмонӣ ва ақлӣ мубталоянд, касоне мебошанд, ки ба урфу одат ва эътиқодҳои аҷдодонашон танҳо барои кӯҳан будани онҳо чанг

задаанд. Бинобар ин, онҳо воқеъпарасти ҳақиқианд, зеро касоне мебошанд, ки фикрашон аз воқеъ сарчашма мегиранд ва шах шудааст. Табиист, киислоҳи онҳо меҳнати бештар талаб мекунад. Роҳи бартарафсозии ин душворӣ кӯшиши сахт ба тарбияи онҳо ва ислоҳи пиндорҳояшон мебошад.

г) Бо манфиатҳои худ машғул будани мардум низ яке аз душвориҳост, ки садди роҳи даъват мегардад. Зеро инсон дар ҳаёт бо манфиатҳои шахсӣ ва корҳои рӯзмарра машғул мешавад ва айни вақт дар бораи мабдаъ андеша меронад. Гоҳо ин манфиатҳо ва даъват ба мабдаъ бо ҳам зид менамояд. Бинобар ин, инсон ба мувофиқгардонии онҳо кӯшиш мекунад. Роҳи бартарафсозии ин душворӣ ин аст: ҳар як шахсе, ки мабдаъро қабул кардааст, бояд кори ҳизб ва даъватро меҳвар қарор диҳад, ки манфиатҳои шахсии ӯ дар атрофи ҳамин меҳвар давр занад. Ӯ набояд бо коре, ки ба даъват зид аст, аз даъват гумроҳ месозад ва садди роҳи даъват мегардад, машғул шавад. Ҳамон вақт даъват на дар атрофи манфиатҳо, балки манфиатҳо дар атрофи даъват давр мезанад.

д) Дар роҳи Ислом ва расонидани даъвати он фидо кардани корҳои ҳаёти дунё, яъне молу дунё, тиҷорат ва ҳоказо яке аз душвориҳост, ки садди роҳи даъват мегардад. Барои бартарафсозии ин душворӣ ба мӯъмин ёдрас карда мешавад, ки Аллоҳ Таоло аз мӯъминон молу ҷонашонро бар ивази ҷаннат мехарад. Ба ҳамин кифоя карда мешавад ва ӯ дар фидо кардани корҳои ҳаёти дунё ба ихтиёри худ гузошта мешавад ва ба ягон кор маҷбур карда намешавад. Расул (с), вақте ки таҳти сарварии Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш сарияеро барои назорати Қурайш ба манзиле дар миёни Тоифу Макка бо номи Нахла фиристоданд, ба дасти ӯ мактуб доданд. Дар мактуб аз ҷумла гуфта шуда буд:

"وَلاَ تُكْرِهَنَّ مِنْ أَحَدًا مِنْ أَصْحَبِكَ عَلَى الْمَسِيرِ مَعَكَ وَامْضِ لِأَمْرِي فِي مَنْ تَبِعَكَ"

"***Ягон шарики худро ба ҳамроҳӣ маҷбур накун ва барои адои фармонам бо довталабон сафарро идома деҳ***".

е) Гоҳо инсон ба хаёле меравад, ки гуногунии сатҳи маданият дар ҷомеа яке аз душвориҳо мебошад. Зеро бо сабаби гуногунии

шароитҳои шаҳр, деҳа ва саҳро маданияти шаҳр аз маданияти деҳа ва маданияти деҳа аз маданияти саҳро фарқ мекунад. Бинобар ин, ба хаёл меояд, ки бо сабаби ин гуна фарқи сатҳи маданият дар тарбиякунӣ барои ҳизб ва раҳнамунсозӣ дар асоси мабдаъ фарқ вуҷуд дорад. Ин басо хатарнок аст, зеро уммат, ҳарчанд сатҳи маданӣ дар вай гуногун бошад ҳам, уммати ягонаест, ки ҳис ва мабдаи ягона дорад. Бинобар ин, даъват дар байни уммат хоҳ дар деҳа бошад, хоҳ дар шаҳр як хел мешавад. Пас фаъолият барои ба уммат таъсиррасонӣ як хел мешавад.

17. Ҳизб дар марҳилаи таъсиррасонӣ ба уммат дар маърази ду хатар қарор мегирад: хатари мабдаӣ ва хатари табақавӣ.

Хатари мабдаӣ аз ҷараёни ҷомеа, рағбат ба қонеъ гардонидани талабҳои таъхирнопазири ҷомеа ва ғолиб омадани пасмондаҳои раъйҳои ҷомеа бар фикрати ҳизб сар мезанад.

Зеро, вақте ки ҳизб ба ҳаёти ҷомеа таваҷҷӯҳ мекунад, барои таъсир расонидан ва сарварӣ намудан бо халқ алоқа барпо мекунад. Ҳизб бо мабдаи худ мусаллаҳ шудааст, вале дар мардум фикрҳои кӯҳану реаксионӣ (ақибмонда), пиндорҳои меросии аҷдодон, фикрҳои хатарноки аҷнабӣ мавҷуд аст ва мардум ба кофири мустамликадор кӯркӯрона тақлид мекунад. Вақте ки ҳизб ба таъсиррасонӣ мепардозад, раъйу фикрҳои худро ба халқ баён мекунад ва сахт мекӯшад, ки бо пиндорҳои худ пиндорҳои халқро ислоҳ намуда, дар он ақидаи исломиро бедор созад ва муҳити солиму урфи оми дурустро пайдо кунад. Ин чиз даъват ва тарғиботро тақозо мекунад, то ҳизб умматро дар асоси мабдаъ чунон ба атрофи худ сарҷамъ намояд, ки имони уммат ба мабдаъ қавӣ гашта, нисбат ба пиндорҳои ҳизб боварӣ ва нисбат ба ҳизб ҳурмату эътибор пайдо шавад ва умматро ба итоату амал такон диҳад. Дар ин вақт ҳизб бояд шумораи аъзоёни мӯъмини худро дар байни уммат зиёд кунад, зеро онҳо зимоми умматро мисли афсарони артиш дар даст нигоҳ медоранд. Агар ҳизб дар марҳилаи таъсиррасонӣ комёб гардад, умматро мувофиқи мабдаъ ба сӯи ғояи худ раҳнамун сохта, аз гумроҳшавии корвон хотирҷамъ буда метавонад.

Агар ҳизб, пеш аз он ки ба халқ таъсири мукаммал расонад, дар уммат дарки оми мабдаъро пайдо кунад, мардумро раҳнамун

созад, пас мардумро на бо фикру аҳкоми мабдаъ, балки бо зиндакунии хоҳишоти уммат, ба шӯр овардани ҳисси он ва тасвир кардани талабҳо дар пеши чашми вай сарварӣ намудааст.

Лекин дар ин ҳолат ҳисси пештараи мардум, аз қабили ватанпарастӣ, миллатгарой ва рӯҳоният аз байн намеравад. Мардумро ҳолатҳои ҷамоӣ ба шӯр оварда, дар онҳо нидоҳои фасод, аз қабили табақагароӣ ва мазҳабгароӣ, фикрҳои фасод, аз қабили истиқлолият ва озодихоҳӣ, хитобҳои фасод, аз қабили нажодгароӣ ва қавмгароиро пайдо мекунад. Дар натиҷа миёни ҳизб ва мардум зиддият ба вуҷуд меояд. Чунки халқ талабҳои худро мегузорад, ки ба мабдаъ зидданд ва ғояҳои муваққатиро, ки ба уммат зараровар аст, пешниҳод менамояд. Барои ин талабҳо ҷон мекоҳонад, барои амалигардонии онҳо ғавғо мебардорад ва дар он якчанд нидо намоён мегардад. Ҳизб дар ин гуна ҳолат дар байни обу оташ мемонад: аз як тараф, ба интиқому ғазаби уммат ва аз даст додани ҳукмронии худ бар ҷомеа, аз тарафи дигар, ба канорагирӣ аз мабдаъ ва гузашткунӣ дучор мегардад. Дар ҳар ду кор ба ҳизб хатар вуҷуд дорад. Бинобар ин, аъзоёни ҳизб ҳангоми мухолифати мардум бо мабдаъ, ҳарчанд ба қаҳру ғазаб ё озори уммат дучор шаванд ҳам, бояд аз роҳи мабдаъ берун нашаванд ва дар он собитқадам бошанд. Зеро ин қаҳру ғазаб зудгузар аст. Аъзоёни ҳизб бо собитқадамӣ дар мабдаъ аз нав боварии умматро ба даст медароранд. Аз хилофкорӣ ба мабдаъ ва аз он берун шудан, ҳарчанд мисли зарра бошад ҳам, эҳтиёт бошанд! Зеро мабдаъ кафили зиндагӣ ва пояндагии ҳизб мебошад. Барои он ки ҳизб ба ин гуна ҳолатҳои ногувор наафтад ва ин гуна хатарро бартараф намояд, бояд сахт кӯшиш намояд, ки умматро бо мабдаи худ шодоб гардонад, равшании фикрҳо ва пиндорҳои ҳизбро нигоҳ дорад, барои бар муҳити уммат ҳукмрон шудани ҳамин фикру пиндорҳо фаъолият барад. Барои осон гаштани корҳои мазкур бояд ба давраи сақофат алоҳида эътибор дод, ба сақофати ҷамоӣ аҳамият дод, ба фошсозии моҳиронаи нақшаҳои мустамликадорӣ сахт кӯшиш кард, аз уммат ва манфиатҳои он ҳамеша огоҳ буд, умматро дар фикрҳои мабдаъ ва ҳизб пурра гудохт, барои нигоҳдории равшании фикру пиндорҳои ҳизб ҳамеша тафтиш кард ва дар ин

ҳама, ҳарчанд меҳнат ва ҳаракати зиёдро талаб кунад ҳам, тамоми имкониятро сарф кард.

Хатари табақавӣ на ба уммат, балки ба аъзоёни ҳизб тааллуқ дорад. Вақте ки ҳизб уммат ё аксарияти онро ташкил медиҳад, соҳиби обрӯи калон ва сазовори ҳурмати ому хос мегардад. Гоҳо ин гуна обрӯ ва ҳурмат дар дилҳо ғурур пайдо мекунад ва аъзоёни ҳизб ба гумон мераванд: "Мо аз уммат бузургтар ҳастем, вазифаи мо сарварӣ намудан ва вазифаи уммат итоат намудан аст". Ҳамин тавр, онҳо худро аз уммат ё аз баъзе шахсҳо боло мегиранд, вале моҳияти ин корро намеандешанд. Агар ҳамин ҳол якчанд маротиба такрор ёбад, уммат ҳизбро табақаи аз худ бегона ҳис мекунад. Ҳамчунин ҳизб табақагароиро ҳис мекунад. Ин гуна ҳис оғози таназзули ҳизб аст. Чунки ин ҳис эътибори ҳизбро ба боварии мардуми оддӣ коҳиш медиҳад ва боварии мардумро нисбат ба ҳизб заиф месозад. Дар натиҷа уммат аз ҳизб рӯ мегардонад. Ҳар гоҳ ки уммат аз ҳизб рӯ гардонад, ҳизб рӯ ба таназзул меорад ва акнун барои азнавноилгардӣ ба боварии уммат маҷбур мешавад, ки ду-се баробар зиёд меҳнат кунад. Бинобар ин, аъзоёни ҳизб бояд мисли шахсони оддии уммат бошанд, худро хидматгори уммат ва хидмати умматро ӯҳдадории ҳизбӣ донанд. Зеро ин кор дар аъзоёни ҳизб қувваи ҳимоявиро пайдо мекунад ва ба онҳо натанҳо дар пояндагии боварии халқ, балки дар марҳилаи сеюм – ба даст гирифтани ҳокимият барои татбиқи мабдаъ низ фоида медиҳад. Сипас барои он ки татбиқи мабдаъ осон гардад, онҳо дар ҳоли ҳоким будан низ хидмати умматро идома медиҳанд.

18. Марҳилаи сеюм марҳилаи ба ҳокимият расидан мебошад. Ҳизб ҳокимиятро бо воситаи уммат ва нусрат ҷустан ба даст медарорад ва мабдаъро якбора татбиқ мекунад, ки ин тариқати инқилобӣ номида мешавад. Тариқати мазкур иштироки ҷузъиро дар ҳокимият намепазирад, балки ҳокимиятро куллан ба даст мегирад ва на ғоя, балки тариқати татбиқи мабдаъ эътибор мекунад. Ҳизб мабдаи Исломро дар шакли инқилобӣ татбиқ мекунад, қатъи назар аз вазъиятҳо тариқати тадриҷиро намепазирад.

Вақте ки мабдаъ куллан ва комилан татбиқ мегардад, густариши даъвати исломӣ ногузир мегардад. Дар буҷети давлат барои

даъват ва тарғибот фонди махсус таъсис дода мешавад ва аз рӯи тақозои вазъият, давлат ё ҳизб сарварии кори даъватро ба ӯҳда мегирад. Ҳизб, гарчи ба ҳокимият расад ҳам, ҳамчун ҳизби маъмулӣ боқӣ мемонад ва ҷиҳози ҳизб хоҳ аъзоёни он дар курсии ҳокимият бошанд ва хоҳ на фаъолиятро идома медиҳад. Ҳокимият дар татбиқи мабдаи ҳизб дар давлат ва кӯшиш ба татбиқи ин мабдаъ дар ҳар як гӯшаи ҷаҳон аввалин қадами амалӣ ба ҳисоб меравад.

Ин фосилаест, ки ҳизб барои оғози давраи амалии фикрат дар майдони ҳаёт убур мекунад. Бо ибораи дигар, фосилаест, ки ҳизб барои татбиқи мабдаъ дар майдони ҳаёт тавассути азнавсаркунии ҳаёти исломӣ, барои бедор кардани ҷомеа ва барои густариши даъват дар ҷаҳон убур мекунад. Ҳизб аз ҳамин лаҳза ба давраи амалӣ, ки сабаби таъсисёбии он мебошад, қадам мемонад. Бинобар ин, ҳизб дар бунёдшавии Давлати Ислом ва пояндагии ин давлат, дар татбиқи Ислом ва дурустиву пояндагии ин татбиқ ва дар густариши даъвати исломӣ дар ҷаҳон кафолати ҳақиқӣ мебошад. Зеро ҳизб, баъд аз он ки давлатро бунёд мекунад, бо назорат ва муҳосабаи давлат машғул шуда, дар муноқиша бо давлат ба уммат сарварӣ мекунад. Дар айни вақт дар кишварҳои исломӣ ва кишварҳои дигари ҷаҳон даъвати Исломро густариш медиҳад.